www.tj.islamic-sources.com




Номи китоб: *Инсон ва имон*
Муаллиф: *Муртазо Мутаҳҳарӣ*

نام کتاب: انسان و ایمان

مؤلف: استاد مرتضی مطهری

www.tj.islamic-sources.com

www.tj.islamic-sources.com

# *Феҳрист*

**1. ИНСОН ВА ҲАЙВОН ----------------------------------------------------------3**

*Доираи огоҳӣ ва сатҳи хостаҳои ҳайвон* **-----------------------------3**

*Доираи огоҳӣ ва сатҳи хостаи инсон* **------------------------------------5**

*Меъёри бартарии инсон* **----------------------------------------------------7**

*Оё инсоният рӯбиност?* **------------------------------------------------------9**

**2. ИЛМ ВА ИМОН ----------------------------------------------------------------13**

*Робитаи имл ва имон* **-----------------------------------------------------13**

*Ҷонишинии илм ва имон* **-----------------------------------------------20**

**3. ИМОНИ МАЗҲАБӢ -----------------------------------------------------------25**

*Осор ва фоидаҳои имон* **------------------------------------------------30**

*А. Баҳҷат ва инбисот* **----------------------------------------------------30**

*Б. Нақши имон дар беҳбуди робитаҳои иҷтимоӣ* **------------------35**

*В. Коҳиши нороҳатиҳо* **---------------------------------------------------37**

**4. МАКТАБ ВА ИДЕОЛОГИЯ --------------------------------------------------39**

**5. ИСЛОМ МАКТАБИ ҶОМЕЪ ВА ҲАМАҶОНИБА -----------56**

*Лағзишгоҳҳои андеша аз назари Қуръон:* **----------------------------57**

1. *Такя бар гумон ба ҷои илму яқин* **------------------------------57**
2. *Майлҳо ва ҳавоҳои нафсонӣ* **------------------------------------58**
3. *Шитобзадагӣ* **-----------------------------------------------------59**
4. *Суннатгароӣ ва гузаштагароӣ* **------------------------------------60**
5. *Шахсиятгароӣ* **-----------------------------------------------------61**

**6. МАНОБЕИ ТАФАККУР ДАР ИСЛОМ ------------------------------62**

1. *Табиат* **-----------------------------------------------------------------62**
2. *Таърих* **-----------------------------------------------------------------63**
3. *Замири инсонӣ* **-------------------------------------------------------64**

www.tj.islamic-sources.com

## Инсон ва ҳайвон

Инсон, худ навъе ҳайвон аст аз ин рӯ бо дигар ҷондорон муштаракоти бисёр дорад, аммо як силсила фарқҳо бо ҳамҷинсони худ дорад, ки ӯро аз ҷондорони дигар ҷудо ва бузургу бартар ва берақиб сохтааст.

Фарқи асосии инсон бо дигар ҷондорон, ки меъёри "инсонияти" ӯст ва сарчашмаи чизе ба номи тамаддун ва фарҳанги инсонӣ гардидааст, дар ду ноҳияи бинишҳо ва гароишҳо аст.

Хусусияти умумии ҷондорон  ин аст, ки худ ва ҷаҳони хориҷро дарк мекунанд ва ба он огоҳанд ва дар сояи ин огоҳӣ ва шинохт барои расидан ба хостаҳои худ талош менамоянд. Фарқи инсон бо дигар ҷондорон аз ду ҷиҳат: яке дар вусъат ва густардагии огоҳӣ ва шинохтҳо ва дигарӣ аз ҷиҳати сатҳи баланди хостаҳои ӯ аст.

Ин хусусият ба инсон имтиёз ва бартарӣ бахшида ӯро аз дигар ҷондорон ҷудо сохтааст.

## Доираи огоҳӣ ва сатҳи хостаҳои ҳайвон

Огоҳии ҳайвон аз ҷаҳон танҳо ба василаи ҳавоси зоҳирӣ аст, аз ин рӯ 1) сатҳӣ ва зоҳирӣ аст ва ба равобити дарунии ашёъ нуфӯз намекунад; 2) фардӣ ва ҷузъӣ аст ва аз куллият ва умумият бархурдор нест; 3) минтақаӣ ва маҳдуд ба муҳити зисти ҳайвон аст ва ба хориҷи муҳити зисти ӯ роҳ пайдо намекунад; 4) ҳолӣ аст, яъне вобаста ба замони ҳол аст ва аз гузашта ва оянда буридааст.

Ҳайвон аз таърихи худ ва ҷаҳон огоҳ нест ва дар бораи оянда намеандешад ва талошаш ба оянда таъаллуқ надорад.

www.tj.islamic-sources.com

Ҳайвон аз назари огоҳӣ ҳаргиз аз чаҳорчуби зоҳир, фардият, ҷузъият, муҳити зист ва замони ҳол хориҷ намегардад. Дар ин чаҳор зиндон барои ҳамеша маҳбус аст ва агар аҳёнан хориҷ шавад, огоҳона ва аз рӯи шуъур ва интихоб нест, балки таҳти тасхири иҷбории табиат ва ба сурати ғаризӣ ва ноогоҳона аст.

Ҳайвон агар ҳадаферо дунбол кунад, ки аз ин доира берун бошад, -масалан ба навъ тааллуқ дошта бошад на ба фард, ба оянда таъаллуқ дошта бошад на ба ҳол монанди онҷи дар баъзе ҳайвоноти иҷтимоӣ аз қабили занбури асал дида мешавад- ноогоҳона ва ба ҳукми ғариза ва фармони мустақими нерӯе аст, ки ӯро офарида ва ҷаҳонро тадбир мекунад.

www.tj.islamic-sources.com

## Доираи огоҳӣ ва сатҳи хостаи инсон

Қаламрави инсон, чи дар заминаи огоҳиҳо, бинишҳо ва шинохтҳо ва чи дар заминаи хостаҳо хеле васеътар ва густардатар ва мутаолитар аст.

Огоҳӣ ва шинохти инсон аз зоҳири ашёъ ва падидаҳо мегузарад ва то даруни зоту моҳият, равобит ва вобастагиҳои онҳо ва заруратҳои ҳоким бар онҳо нуфӯз менамояд. Огоҳии инсон ба минтақа ва макон, маҳдуд намешавад ва занҷираи замон онро дар қайду банд нигаҳ намедорад, ҳам макон ва ҳам замонро тай мекунад. Аз ин рӯ фаротар аз муҳити зистии хешро мешиносад ва бар гузашта ва ояндаи хеш огоҳӣ меёбад. Ҳамчунин таърихи гузаштаи хеш ва ҷаҳон яъне таърихи замин, осмон, кӯҳҳо, дарёҳо, гиёҳон ва ҷондорони дигарро кашф мекунад ва дар бораи оянда то уфуқҳои дурдаст меандешад. Болотар ин ки инсон дар қаламрави бениҳоятҳо ва ҷовидонагиҳо меандешад ва бархе аз онҳоро мешиносад. Одамӣ аз шинохти фардият ва ҷузъият по фаротар мениҳад, қавонини куллӣ ва ҳақоиқи умумӣ ва фарогирандаи ҷаҳонро кашф мекунад ва бар табиат мусаллат мешавад.

Инсон аз назари хостаҳо низ метавонад сатҳи волое дошта бошад, чунки ӯ мавҷуди арзишҷӯ, ормонгаро ва камолхоҳе мебошад, ки меҳвари хостаҳояш моддӣ ва манфиатталабона нест. Ормонҳое, ки танҳо ба худаш ва ҳадди аксар ҳамсар ва фарзандонаш ихтисос надорад, балки фарогирандаи ҳамаи башарият аст ва ба муҳиту минтақа ё замони хоссе маҳдуд намегардад.

Инсон ончунон ормонпараст аст, ки аҳёнан арзиши ақида ва ормонаш болотар аз ҳамаи арзишҳои дигар

www.tj.islamic-sources.com

қарор мегирад. Осоиш ва хидмат ба инсонҳо аз осоиши худаш муҳимтар мегардад. Хоре, ки дар пои дигарон фуру биравад мисли ин аст, ки дар пои ӯ, балки дар чашмаш фуру рафта бошад. Бо дигарон ҳамдард мешавад ва аз шодии дигарон шод ва аз андуҳи онон андуҳгин мегардад. Ба ақида ва ормони муқаддаси худ чунон дилбаста мешавад, ки манофеи худ, балки ҳаёт ва ҳастии худро ба осонӣ фидои он менамояд.

www.tj.islamic-sources.com

## Меъёри бартарии инсон

Маҷмӯи тафаккуроти башарӣ дар бораи ҷаҳон -, ки маҳсули кӯшиши ҳамаи башар буда дар тайи қарнҳо рӯи ҳам анбошта ва назми хоссе ёфтааст- илм номида мешавад.

Гароишҳои маънавӣ ва волои башар, зодаи имону эътиқод ва дилбастагиҳои ӯ ба бархе ҳақоиқ дар ин ҷаҳон аст. Он ҳақоиқ фаротар аз масоили фардӣ ва моддӣ, ом ва шомил аст. Ин гуна имонҳо ва дилбастагиҳо аз ҷаҳонбиниҳо ва ҷаҳоншиносиҳое, ки аз тарафи пайғамбарони илоҳӣ(а) ё бархе файласуфон ба башар арза шудааст сарчашма мегирад.

Ба ҳар ҳол гароишҳои воло ва маънавӣ ва фавқи ҳайвонии инсон онгоҳ, ки поя ва зербинои эътиқодӣ ва фикрӣ пайдо кунад номи “имон” ба худ мегирад.

Пас илму имон сабаби бартарӣ ва имтиёзи инсон бар дигар ҷондорон ва меъёри инсонияти ӯст.

Дар бораи имтиёзи инсон аз ҷондорони дигар, сухан фаровон гуфта шудааст.

1) Бархе мункири имтиёзи асосӣ миёни ӯ ва дигар ҷондорон ҳастанд. Ба назари онҳо тафовути огоҳӣ ва шинохти инсон бо ҳайвон аз қабили тафовути каммӣ ва ҳадди аксар тафовути кайфӣ аст на тафовути моҳувӣ. Шигифтиҳо, аҳамиятҳо ва азаматҳое, ки назари фалосифаи бузурги шарқу ғарбро дар масъалаи шинохти инсон ба худ ҷалб кардааст, чандон мавриди таваҷҷӯҳи ин гурӯҳ воқеъ нашудааст.

www.tj.islamic-sources.com

Ин гурӯҳ инсонро аз назари хостаҳо низ комилан як ҳайвон медонанд.[1]

2) Гурӯҳи дигар мӯътақиданд, ки фақат инсон ҷон ва ҳаёт дорад ва ҳайвоноти дигар эҳсос, майл, дард ва лаззат надоранд, балки мошинҳои беҷоне монанди ҷондор ҳастанд. Пас таърифи ҳақиқии инсон ин аст, ки ӯ мавҷуди ҷондор аст.[2]

3) Донишмандоне, ки инсонро танҳо ҷондори ҷаҳон намедонанд, вале дар муқоиса бо ҷондорони дигар ӯро дорои имтиёзоти асосӣ медонанд.

Ҳар гурӯҳе ба яке аз мухтассот ва имтиёзоти инсон таваҷҷӯҳ кардаанд. Аз ин рӯ инсон бо таъбирҳои мухталиф ва мутафовите таъриф шуда аст, монанди ҳайвони нотиқ (оқил), номаҳдудхоҳ, ормонгаро, арзишҷӯ, ҳайвони моварои табиӣ, серинопазир, мутааҳҳид ва масъул, оянданигар, озод ва мухтор, исёнгар, иҷтимоӣ, назмгаро, зебоиталаб, адолатхоҳ, ошиқ, мукаллаф, бовиҷдон, халлоқ, танҳо, музтариб, ақидапараст, абзорсоз, мовароҷӯ, тахайюлофарин, маънавӣ, дарвозаи маънавият, ва ғ.

Равшан аст, ки ҳар як аз ин имтиёзот дар ҷои худ дуруст аст, аммо агар бихоҳем таъбире биёварем, ки ҳамаи тафовутҳои асосиро дошта бошад, ҳамон беҳ, ки бигӯем инсон ҳайвоне аст, ки бо “илму имон” аз дигар ҷондорон имтиёз ва бартарӣ ёфтааст.

---

[1] Ҳобз аз фалосифаи маъруфи Ингилистон чунин назаре дар бораи инсон дорад.

[2] Назарияи маъруфи Декорт.

www.tj.islamic-sources.com

## Оё инсоният рӯбиност?

Масоили муштараки инсон бо ҳайвон ва масоили имтиёзи ӯ аз ҳайвон сабаб шудааст, ки ӯ зиндагии ҳайвонӣ ва инсонӣ ё ба ибораи дигар зиндагии моддӣ ва маънавӣ дошта бошад.

Инҷо масъалае матраҳ мешавад, ки чи робитае миёни ҳайвонияти инсон ва инсонияти ӯ ва миёни зиндагии ҳайвонӣ ё моддӣ ва зиндагии инсонӣ ё маънавии ӯ вуҷуд дорад? Оё яке аз ин ду асл ва дигари фаръ аст? Яке асосӣ ва дигари инъикосе аз ӯ аст? Яке зербино ва дигарӣ рӯбино аст?

Ончи имрӯз матраҳ аст аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ аст на аз дидгоҳи равоншиносӣ. Аз ин рӯ баҳс ин аст, ки дар миёни ниҳодҳои иҷтимоӣ оё ниҳоди иқтисодӣ асл ва зербино ва дигар ниҳодҳо (ба хусус ниҳодҳое, ки бо маънавияти инсон сару кор доранд) ҳамааш фаръӣ ва рӯбино ва инъикосе аз ниҳоди иқтисодӣ аст? Оё илм, фалсафа, адаб, ҳуқуқ, ахлоқ ва ҳунар дар ҳар даврае мазоҳире аз воқеиятҳои иқтисодӣ буда ва аз худ асосан асолате надоранд?

Масъала аз назари ҷомеашиносӣ оғоз мешавад, вале натиҷаи равоншиносона пайдо мекунад ва ба баҳси фалсафӣ дар бораи асолати инсон ё гуманизм кашида мешавад.

Тибқи ин назария гароишҳои маънавии инсонӣ монанди ҳақиқатгароӣ, хирадгароӣ, зебоигароӣ ва худогароӣ асолат надорад. Ҳамчунин асолати воқеиятгароии диди инсон дар бораи ҷаҳон ва воқеиятҳо низ рад мешавад, зеро ҳеҷ диде наметавонад "диди дуруст" ва бетарафона бошад. Ҳар диде як

www.tj.islamic-sources.com

гароиши хосси моддиро мунъакис мекунад ва ғайр аз ин наметавонад бошад.

Аҷаб ин аст, ки бархе аз ин гурӯҳҳо дар ҳамон ҳол аз инсоният ва инсонгарӣ дам мезананд!

Ҳақиқат ин аст, ки сайри такомули инсон аз ҳайвоният оғоз мешавад ва ба сӯи инсоният камол меёбад. Ин асл ҳам дар бораи фард ва ҳам дар бораи ҷомеа ҷорӣ аст. Инсон дар ибтидо ҷисми моддӣ аст, ки бо ҳаракати такомули ҷавҳарӣ табдил ба рӯҳ ё ҷавҳари рӯҳонӣ мешавад. “Рӯҳи инсон” дар домани ҷисми ӯ зоида мешавад ва такомул меёбад ва ба истиқлол мерасад. Ҳайвонияти инсон низ ба манзилаи лона ва ошёнае аст, ки инсонияти ӯ дар он рушд меёбаду комил мешавад. Ҳамон тавре, ки хосияти такомул аст, ки мавҷуди мутакомил ба ҳар нисбат, ки такомул пайдо мекунад мустақил ва қоим ба зот ва ҳоким ва муассир бар муҳити худ мешавад, инсонияти инсон - чи дар фард ва чи дар ҷомеа- ба ҳар нисбате, ки такомул пайдо кунад ба сӯи истиқлоли ҳокимият бар дигар ҷанбаҳо қадам мебардорад. Инсони комил фарде аст, ки бар муҳити берунӣ ва дарунии худ тасаллути нисбӣ дорад ва аз маҳкумияти муҳити берунӣ ва дарунӣ раҳо ва ба ақидаву имон вобаста шудааст.

Ҷомеа низ айнан монанди фард комил мешавад.

Ҷомеаи башарӣ бештар бо ниҳодҳои иқтисодӣ шакл мегирад. Ҷанбаҳои фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа ба манзалаи рӯҳи ҷомеа аст. Ҳамон тавре, ки миёни

www.tj.islamic-sources.com

ҷисму рӯҳ таъсири мутақобил аст,[1] миёни рӯҳи ҷомеа ва андоми он (яъне миёни ниҳодҳои маънавӣ ва ниҳодҳои моддии он) чунин робитае барқарор аст. Ҳамонтавре, ки сайри такомули фард ба сӯи озодӣ ва истиқлол ва ҳокимияти бештари рӯҳ аст, сайри такомули ҷомеа низ чунин аст; яъне ҷомеаи инсонӣ ҳар андоза мутакомилтар шавад, ҳаёти фарҳангии он истиқлол ва ҳокимияти бештаре бар ҳаёти моддии он пайдо мекунад. Инсони оянда, ҳайвони фарҳангӣ аст на ҳайвони иқтисодӣ; инсони оянда, инсони ақидаву имону маслак аст на инсони шикаму доман.

Албатта ин ба он маъно нест, ки ҷомеаи башарӣ бо як ҷабру зарурат, қадам ба қадам ва рӯи хатти мустақим, ба сӯи камоли арзишҳои инсонӣ ҳаракат мекунад ва ҳамеша ҷомеаи инсон дар ҳар марҳила аз замон аз ин назар нисбат ба марҳилаи пешин як қадам пештар аст, балки мумкин аст башар, даврае аз зиндагии иҷтимоиро тай кунад, ки бо ҳамаи пешрафтҳои фаннӣ ва техникӣ, аз назари маънавиёти инсонӣ нисбат ба гузаштааш як марҳила ё мароҳиле ба инҳитот (ва ақаб) кашида шуда бошад ҳамчунон, ки имрӯз нисбат ба башари қарни мо гуфта мешавад, балки ба ин маъно аст, ки башар дар маҷмӯи ҳаракатҳои худ, ҳам аз назари моддӣ ва ҳам аз назари маънавӣ ру ба пеш аст. Ҳаракати такомулии башар аз назари маънавӣ як ҳаракати якнавохт рӯи хатти мустақим нест; ҳаракате аст, ки гоҳе инҳироф ба рост ё чап, таваққуф ва гоҳе бозгашт дорад, вале дар маҷмӯъ

---

[1] Ҳукамои исломӣ, асле дар робитаи мутақобили руҳу бадан доранд, ки бо ин иборат баён мешавад: “Аннафсу вал бадану ятаъокасони иҷобан ва иъдодан”.

www.tj.islamic-sources.com

як ҳаракати пешрав ва такомулӣ аст. Аз ин рӯ мегӯем, ки инсони оянда ҳайвони фарҳангӣ аст на иқтисодӣ; инсони оянда инсони ақида ва имон аст на инсони шикам ва доман.

Тибқи ин назария, ҷанбаи инсонии инсон ба иллати асолаташ, ҳамроҳ ва балки муқаддам бар такомули абзорҳои тавлидиаш такомул ёфта ва бар асари такомул, тадриҷан инсонро ба ақида ва ормон ва маслак ва идеалогия вобаста мекунад ва бар таъсирбахшиаш бар рӯи муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ меафзояд. Инсон дар гузашта аз неъматҳои табиӣ камтар баҳраманд ва бештар асири табиат ва ҳайвонияти худ буд, аммо дар оянда бо вуҷуди ин ки аз табиат ва истеъдодҳои худ бештар баҳрабардорӣ хоҳад кард, аз асорати табиат ва ҳайвонияти худ озодтар хоҳад шуд ва ҳокимияти рӯҳи худро бар хостаҳои ҳайвонӣ ва табиат афзоиш хоҳад дод.

Бино бар ин назария, такомули инсонӣ, ҳарчанд ҳамроҳ ва дар домани такомули ҳайвонӣ ва моддии ӯ рух менамояд, ба ҳеҷ ваҷҳ соя ва инъикос ва тобеи аз такомули моддӣ нест; худ воқеияте мустақил ва такомулёбанда аст. Ҳамон тавре, ки аз ҷанбаҳои моддӣ асар мепазирад, дар онҳо низ таъсир мегузорад. Ин воқеияти асили инсон ба ҳаракати худ идома медиҳад ва абзори тавлидро ҳамроҳи дигар умури зиндагӣ мутакомил мекунад. Бо такомули абзорҳои тавлидӣ шахсияти ҳақиқии инсон такомул намеёбад, аз ин рӯ пешрафти абзорҳои тавлидӣ нишонаи такомули инсоният нест.

www.tj.islamic-sources.com

## Илм ва имон

### Робитаи имл ва имон

Робитаи инсонияти инсон ва ҳайвонияти ӯ, ба иборати дигар робитаи зиндагии фарҳангӣ ва маънавии инсонро бо зиндаги моддии ӯ донистем. Равшан шуд, ки инсоният дар инсон асл ва мустақил аст ва илму имон ду рукни асосии инсонияти инсон аст. Акнун мехоҳем бидонем, ки ин ду рукн, чи робитае бо якдигар доранд.

Мутаассифона дар ҷаҳони масеҳият ба сабаби таҳрифҳои Аҳди қадим (Таврот) андешаи зиддияти илму имон дар зеҳнҳо ба вуҷуд омад. Аз ҷумла дар боби дувум, ояти шонздаҳ ва ҳабдаҳи "Сифри пайдоиш" дар бораи ҳазрати Одам(а) ва биҳишт ва дарахти мамнуа чунин омадааст: *Худованд ба Одам амр кард, ки аз ҳамаи дарахтони боғ бихур, аммо ҳаргиз аз дарахти маърифати некӣ ва бадӣ нахур, зеро рӯзе, ки аз он бихурӣ ҳатман хоҳӣ мурд.*

Дар оёти 1 то 8 аз боби сеюм омадааст: *Ва мор аз ҳамаи ҳайвоноти саҳро, ки Худо офарида буд ҳушёртар буд ва ба зан (Ҳавво) гуфт: Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахуред? Зан ба мор гуфт: Аз меваи дарахтони боғ мехурем, лекин аз меваи дарахте, ки дар миёнаи боғ аст Худо гуфт: Аз он нахуред ва ба он даст назанед, мабодо бимиред. Мор ба зан гуфт: Қатъан нахоҳед мурд, балки Худо медонад рӯзе, ки аз он бихуред чашмони шумо боз мешавад ва монанди Худо неку бадро хоҳед шинохт. Ва чун зан дид, ки он дарахт барои хурдан некуст ва хушнамо, дилпазир ва донишафзост, пас аз мевааш гирифта хурд ва ба шавҳари худ низ дод ва ӯ ҳам*

www.tj.islamic-sources.com

*хурд. Онгоҳ чашмони ҳардуи онҳо боз шуду фаҳмиданд, ки урёнанд. Пас баргҳои анҷирро духтанд ва аврати худро пушонданд.*

Дар ояти 23 аз ҳамин боб мехонем: *Ва Худо гуфт: ҳамоно инсон мисли яке аз мо шудааст ва неку бадро мешиносад. Инак мабодо дасти худро дароз кунад ва аз дарахти ҳаёт низ бихурад ва то ба абад зинда монад. (Пас бояд он дуро аз биҳишт берун кард.)*

Матолибе, ки дар Тавроти кунунӣ аст робитаи Худо ва инсонро ингуна баён мекунад, ки Худо намехоҳад, ки инсон ба илму маърифат даст ёбад, балки инсонро аз расидани ба он манъ мекунад ва инсон бо нофармонӣ ва сарпечӣ аз дастури Худо ба қимати ронда шудан аз биҳишт ба огоҳӣ ва маърифат мерасад. Пас имон ва итоат аз Худо сабаби дур мондан аз илму маърифат мешавад.

Мо мусулмонон аз Қуръон омухтаем, ки Худованд ҳамаи ҳақоиқро ба Одам(а) омухт ва онгоҳ ба фариштагон амр кард, ки Одамро саҷда кунанд. Ҳамаи онҳо саҷда карданд, вале шайтон саҷда накард, аз ин рӯ аз даргоҳи раҳмати Худо ронда шуд. Суннати Паёмбари Аъзам(с) ба мо омухтааст, ки дарахти мамнуъа тамаъ, ҳирс ва чизе аз ин навъ будааст, (яъне чизе, ки ба ҳайвонияти одам марбут мешуд на ба инсонияти ӯ) ва шайтони васвасагар ҳамвора бар зидди ақл ва мутобиқи ҳавои нафси ҳайвонӣ васваса мекунад ва ончи дар вуҷуди инсон мазҳари шайтон аст нафси аммора аст на ақли одамӣ.

Таҳрифи Таврот сабаб шуд, ки таърихи тамаддуни Аврупо дар ҳазору панҷсад соли ахир ба асри имону асри илм тақсим шавад ва имлу имонро дар муқобили

www.tj.islamic-sources.com

якдигар қарор диҳанд. Дар ҳоле, ки таърихи тамаддуни исломӣ ба асри шукуфоии илму имон ва асри инҳитоти илму имон тақсим мешавад. Мо мусулмонон бояд худро аз ин бардошти ғалат, ки хасоратҳои ҷуброннопазир бар илму имон ва инсоният ворид кард барканор дорем ва куркурона тазоди илму имонро амри мусаллам надонем.

Акнун мехоҳем ин масъаларо олимона таҳлил кунем, ки оё воқеан илму имон ҳар кадом ба даврае ва асре тааллуқ дорад?

Дар робитаи илму имон аз ду ҷиҳат метавон сухан гуфт;

1) Оё тафсир ва бардоште, ки имонзо ва ормонхез ва дар айни ҳол мавриди таъйиди мантиқ бошад вуҷуд дорад ё тамоми тафаккуроте, ки илму фалсафа ба мо медиҳад ҳама бар зидди имонҳо ва дилбастагиҳо ва умедҳо ва хушбиниҳост? [1]

2) Оё илм ба чизе даъват мекунад ва имон ба чизи дигаре зидди он? Илм моро ба гунае мехоҳад бисозад ва имон мухолифи он? Илм моро ба сӯе мебарад ва имон ба сӯи дигар? Ё илму имон мутаммим ва мукаммили якдигаранд, илм ними моро месозад ва имон ними дигарро ҳамоҳанги бо он? Пас бибинем илм ба мо чӣ медиҳад ва имон чӣ?

Илм ба мо рушноӣ ва тавоноӣ мебахшад ва имон ишқу умед ва гармӣ; илм абзор месозад ва имон мақсад; илм суръат медиҳад ва имон ҷиҳат; илм тавонистан аст ва имон хуб хостан; илм менамоёнад, ки чи ҳаст ва имон илҳом мебахшад, ки чи бояд кард;

[1] Ин масъаларо баъдан таҳти унвони ҷаҳонбинӣ баҳс хоҳем кард.

www.tj.islamic-sources.com

илм инқилоби берун аст ва имон инқилоби дарун; илм ҷаҳонро ҷаҳони одамӣ мекунад ва имон равонро равони одамӣ; илм вуҷуди инсонро ба сурати уфуқӣ густариш медиҳад ва имон ба шакли амудӣ боло мебарад; илм табиатсоз аст ва имон инсонсоз; ҳам илм ба инсон неру медиҳад ва ҳам имон; аммо илм нерӯи мунфасил медиҳад ва имон неруи муттасил; илм зебоӣ аст ва имон ҳам зебоӣ аст; илм зебоии ақл аст ва имон зебоии рӯҳ; илм зебоии андеша аст ва имон зебоии эҳсос. Ҳам илм ба инсон амният мебахшад ва ҳам имон; илм амнияти берунӣ медиҳад ва имон амнияти дарунӣ. Илм дар муқобили ҳуҷуми бемориҳо, селҳо, зилзилаҳо, туфонҳо эминӣ медиҳад ва имон дар муқобили изтиробҳо, танҳоиҳо, эҳсоси бепаноҳиҳо, пучгароиҳо. Илм ҷаҳонро бо инсон созгор мекунад ва имон инсонро бо худаш.

Ниёзи инсон ба илму имон бо ҳам диққати андешмандонро -чи мазҳабӣ ва чи ғайри мазҳабӣ - ҷалб кардааст. Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд: *Башарияти имрӯз ба се чиз ниёзманд аст; таъбири рӯҳонӣ аз ҷаҳон, озодии рӯҳонии фард ва усули асосӣ ва дорои таъсири ҷаҳонӣ, ки такомули иҷтимои башариро бар мабнои рӯҳонӣ тавҷеҳ кунад. Шак нест, ки Аврупои ҷадид, дастгоҳҳои андешаӣ ва мисолӣ дар ин риштаҳо таъсис кардааст, вале таҷриба нишон медиҳад, ки ҳақиқате, ки аз роҳи ақли маҳз ба даст ояд наметавонад он ҳарорати эътиқоди зиндаеро дошта бошад, ки танҳо бо илҳоми шахсӣ ҳосил мешавад. Ба ҳамин далел аст, ки ақли маҳз чандон таъсире дар навъи башар накарда, дар сурате, ки дин, пайваста мояи иртиқои афрод ва тағйири шакли ҷомеаҳои башарӣ будааст. Мисолигарии Аврупо ҳаргиз ба*

www.tj.islamic-sources.com

*сурати омили зиндае дар ҳаёти он наёмада ва натиҷаи он "ман"-и саргардон аст, ки дар миёни демократҳои носозгор бо якдигар ба ҷӯстуҷӯи худ мепардозад, ки кори онҳо мунҳасиран баҳракашӣ аз дарвешон ба суди тавонгарон аст. Сухани маро бовар кунед, ки Аврупо имрӯз бузургтарин монеъ дар роҳи пешрафти ахлоқии башарият аст. Аз тарафи дигар, мусулмонон молики андешаҳо ва камоли матлубҳои мутлақ, мабнӣ бар ваҳй мебошанд, ки чун аз дарунитарин жарфои зиндагӣ баён мешавад, ба зоҳирӣ будани он ранги ботинӣ медиҳад. Барои фарди мусулмон шолудаи рӯҳонии зиндагӣ амри эътиқодӣ аст ва барои дифоъ аз ин эътиқод ба осонӣ ҷони худро фидо мекунад.*[1]

Вилдуронт, нависандаи маъруфи Таърихи тамаддун,[2] менависад:

*Ихтилофи дунёи қадим бо дунёи мошинии ҷадид фақат дар васоил аст на дар мақосид.... чи хоҳед гуфт агар ҳамаи пешрафтҳои мо танҳо ислоҳи равишҳо ва василаҳо бошад на беҳбуди ғоятҳо ва мақсадҳо?.*[3]

Ҳам ӯ мегӯяд;

*Сарват хастагиовар аст, ақлу ҳикмат нури заифу сарде аст, аммо ишқ аст ки бо додори*[4] *хориҷ аз ҳудуди баён, дилҳоро гарм мекунад.*[5]

Имрӯз ғолибан дарёфтаанд, ки "Сиёнтисм" (илмгарои маҳз) ва тарбияти илмии холис, аз сохтани инсони тамом нотавон аст. Тарбияти илмии холис,

---

[1] Эҳёи фикри динӣ дар Ислом, тарҷумаи Аҳмади Ором, саҳ 203.

[2] Бо инки як фарди ғайри мазҳабӣ аст.

[3]Лаззоти фалсафа, саҳ 292.

[4] Офаринанда

[5] Ҳамон, саҳ 135.

нима инсон месозад на инсони тамом (маҳсули ин тарбият, моддаи хоми инсон аст на инсони сохташуда), инсони тавоно ва қудратманд месозад на инсони бо фазилат, инсони так соҳатӣ месозад на инсони чанд соҳатӣ.

Имрӯз ҳама дарёфтаанд, ки асри илмии маҳз ба поён расидааст ва як халаъи ормонӣ ҷомеаҳоро таҳдид мекунад. Бархе мехоҳанд ин халаъро бо фалсафаи маҳз пур кунанд; баъзе даст ба домани адабиёт ва ҳунар ва улуми инсонӣ шудаанд. Дар кишвари мо низ каму беш пешниҳоди фарҳанги инсонгаро ва махсусан адабиёти ирфонӣ аз қабили адабиёти Мавлавӣ ва Саъдӣ ва Ҳофиз барои пур кардани ин халаъи маънавӣ ва ормонӣ матарҳ аст, ғофил аз инки ин адабиёт руҳу ҷозибаи худро аз маҳаб (ва дин) гирифтааст. Рӯҳи инсонгроии ин адабиёт ҳамон рӯҳи мазҳаби исломӣ аст, вагарна чаро бархе адабиёти навини имрӯзӣ бо ҳамаи тазоҳур ба инсонгароӣ ин ҳама сарду беруҳ ва беҷозиба аст?! Муҳтавои инсонии адабиёти ирфонии мо аз навъе тафаккур дар бораи ҷаҳон ва инсон нашъат гирифтааст, ки ҳамон тафаккури исломӣ аст. Агар рӯҳи исломиро аз ин шоҳкорҳои адабӣ бигирем туфолае ва андоми мурдае беш, боқӣ намемонад.

Вилдуронт аз касоне аст, ки ин халаъро ҳис мекунад ва адабиёт ва фалсафа ва ҳунарро барои пур кардани он пешниҳод мекунад, мегӯяд;

*Зарар ва хусроне, ки мутаваҷҷеҳи мадорис ва донишгоҳҳои мост, бештар аз назарияи тарбиятии*

*“Испенсер”[1] аст, ки тарбиятро созгор кардани инсон бо муҳити худ таъриф кардааст. Ин таъриф мурда ва меконикӣ аст ва аз фалсафаи “бартари меконик” бархостааст ва ҳар зеҳну рӯҳи халлоқ аз он мутанаффир аст. Натиҷа ин шудааст, ки мадориси мо аз улуми назарӣ ва меконикӣ пур шудааст, ва аз мавзуоти адабиёт, таърих, ва фалсафаву ҳунар, ки ба қавли худашон бефоида аст холи мондааст... тарбияте, ки фақат илмӣ бошад маҳсулаш ҷуз абзор чизе нест, шахсро аз зебоӣ бегона месозад ва уро аз ҳикмат ҷудо мекунад. Барои дунё беҳтар он буд, ки Испенсер китобе наменавишт.[2]*

Аҷабо бо инки Вилдуронт эътироф мекунад, ки халаъи мавҷуд дар дарҷаи аввал як халаъи ормонӣ аст, халаъе аст дар ноҳияи мақсадҳо ва ғоятҳо ва ормонҳо, халаъе аст, ки ба пучигароӣ мунтаҳӣ шудааст; бо инки тасдиқ мекунад, ки ин халаъ, халаъи навъе тафаккур ва навъе имон ба мақосид ва аҳдофи инсонӣ аст, бо ҳамаи инҳо мепиндорад, ки бо ҳар навъ маънавияте - ҳарчанд аз ҳудуди қувваи тахаюл таҷовуз накунад-чора пазир аст; мепирдорад саргармӣ ба ҳар таъриху ҳунар ва зебоӣ ва шеъру мусиқӣ қодир аст чунин халаъеро, ки аз умқи фитрати ормонхоҳ ва камоли матлубҷӯии инсон нашъат мегирад, пур кунад.

---

[1] Файласуфи маъруфи инглисӣ қарни нуздаҳум.

[2] *Лаззоти фалсафа*, саҳ. 206.

www.tj.islamic-sources.com

## Ҷонишинии илм ва имон

Донистем, ки илм ва имон на танҳо бо якдигар зид нестанд балки мукаммил ва мутаммими якдигаранд. Акнун пурсиши дигаре матраҳ аст; оё мумкин аст ин ду, ҷои якдигарро пур кунанд?

Пас аз онки шинохтем нақши илм чист ва нақши имон чист, ниёзи чандоне ба тарҳу посухи ин пурсиш нест. Бадеҳӣ аст, ки на илм метавонад ҷонишини имон гардад -*ки илова бар рушноӣ ва тавоноӣ, ишқу умед бибахшад, сатҳи хостаҳои моро иртиқо диҳад ва илова бар инки моро дар расидан ба мақосид ва ҳадафҳо ва дар паймудани роҳ ба сӯи он мақосид ва аҳдоф мадад медиҳад, мақосиду ормонҳо ва хостаҳое аз моро, ки ба ҳукми табиат ва ғариза бар меҳвари фардият ва худхоҳӣ аст аз мо бигирад ва дар иваз, мақосиду ормонҳое ба мо бидиҳад бар меҳвари ишқу алоқаҳои маънавӣ ва рӯҳонӣ, ва илова бар инки абзоре аст дар дасти мо ҷавҳару моҳияти моро дигаргун созад*- ва на имон метавонад ҷонишини илм гардад, табиатро ба мо бишносонад, қавонини онро бар мо кашф кунад ва худи моро ба мо бишиносонад.

Таҷрибаҳои таърихӣ нишон додааст, ки ҷудоии илму имон хасоратҳои ғайри қобили ҷуброн ба бор овардааст. Имонро дар сояи илм бояд шинохт; имон дар рушноӣ илм аз хурофот дур мемонад. Бо дур уфтодани илм аз имон, имон ба ҷумуду таассуби кур, ва бо шиддат ба даври худ чархидан ва роҳ ба ҷое набурдан табдил мешавад. Онҷо, ки илму маърифат нест, имони муъминони нодон василае мешавад дар дасти мунофиқони зирак, ки намунаашро дар хавориҷи садри Ислом ва дар давраҳои баъд ба шаклҳои мухталиф дида ва мебинем.

www.tj.islamic-sources.com

Илм бидуни имон низ теғе аст дар кафи зангии маст; чароғе аст дар нимаи шаб дар дасти дузд барои гузидатар бурдани коло. Ин аст, ки инсони олими беимони имрӯз, бо инсони ҷоҳили беимони дирӯз, аз назари табиат ва моҳияти рафторҳо ва кирдорҳо кучактарин фарқе надорад. Чи тафовуте ҳаст миёни Черчилҳо, Чонсунҳо, Нексунҳо ва Сталинҳои имрӯз бо Фиръавнҳо, Чингизҳо ва Отилоҳои дирӯз?.

Мумкин аст гуфта шавад магар на ин аст, ки илм, ҳам рушноӣ аст ва ҳам тавоноӣ? Рушноӣ ва тавоноӣ будани илм ихтисос ба ҷоҳони берун надорад, ҷаҳони даруни моро низ бар мо равшан мекунад ва ба мо менамоёнад ва дар натиҷа моро бар тағйири ҷаҳони дарун низ тавоно месозад; пас илм, ҳам метавонад ҷаҳонро бисозад ва ҳам инсонро; пас ҳам кори хешро анҷом медиҳад (ҷаҳонсозӣ) ва ҳам кори имонро (инсонсозӣ). Посух ин аст, ки ҳамаи инҳо саҳеҳ аст, аммо нуктаи асосӣ ин аст, ки қударат ва тавоноии илм, аз навъи қудрату тавоноии абзор аст; яъне бастагӣ ба ирода ва фармони инсон дорад. Инсон дар ҳар ноҳия бихоҳад коре анҷом диҳад бо абзори илм беҳтар метавонад анҷом диҳад. Ин аст, ки мегӯем илм беҳтарин мададкори инсон аст барои расидан ба мақосиду паймудани роҳҳое, ки инсон барои тай кардан интихоб кардааст.

Аммо сухан дар ҷои дигар аст. Сухан дар ин аст, ки инсон пеш аз онки абзорро ба кор андозад максадро дар назар гирифтааст. Абзорҳо ҳамвора дар тариқи мақсадҳо ба кор бурда мешаванд. Мақсадҳо аз кучо пайдо шудааст? Инсон ба ҳукми инки аз рӯи табъ ҳайвон аст ва ба сурати иктисобӣ инсон, яъне

www.tj.islamic-sources.com

истеъдодҳои инсонии инсон тадриҷан дар сояи имон бояд парвариш ёбад, ба табъи худ ба сӯи мақосиди табии ҳайвонии фардии моддии худхоҳонаи худ ҳаракат мекунад ва абзорҳоро дар ҳамин тариқ мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳад; аз инрӯ ниёзманди нерӯе аст, ки абзори инсон ва мақсади инсон набошад, балки инсонро монанди абзоре дар ҷиҳати худ ҳаракат диҳад; ниёзманд ба нерӯе аст, ки инсонро аз дарун мунфаҷир созад ва истеъдодҳои ниҳонии ӯро ба феълият расонад; ниёзманд ба қудрате аст, ки битавонад инқилобе дар замираш эҷод кунад, ба ӯ ҷиҳати тоза бидиҳад. Ин коре аст, ки аз илму кашфи қавонини ҳоким бар табиат ва бар инсон, сохта нест. Ингуна таъсир мавлуди тақаддус ёфтан ва гаронбаҳо шудани бархе арзишҳо дар рӯҳи одамӣ аст ва он худ мавлуди як силсила гароишҳои мутаъолӣ дар инсон аст, ки он гароишҳо ба навбаи худ аз бардошти хос ва тарзи тафаккури хос дар бораи ҷаҳон ва инсон нашъат гирифтааст, ки на дар лабараторияҳо ва на аз муҳтавои қиёсҳо ва исотидлолҳо метавон ба он даст ёфт. Он бардоштҳо ҳамонҳо аст, ки дар оянда тавзеҳ хоҳем дод, ки аз дастрасии илм берун аст.

Таърихи гузашта ва ҳол нишон додааст, ки ҷудо кардани илму имон аз як дигар чи натиҷаҳое ба бор меоварад. Онҷо, ки имон буда ва илм набудааст кушишҳои башардустонаи афрод сарфи корҳое шудааст, ки натиҷаи зиёд ва эҳёнан натиҷаи хуб ба бор наёвардааст ва гоҳе маншаъи таассуб ва ҷумудҳо ва эҳёнан кашмакашҳои зиёнборе шудааст. Таърихи гузаштаи башар аз ин гуна корҳо пур аст.

www.tj.islamic-sources.com

Онҷо, ки илм буда ва ҷои имон холӣ мондааст - монанди бархе аз ҷомеаҳои асри ҳозир- тамоми қудрати илмӣ сарфи худхоҳиҳо ва худпарастиҳо, афзунталабиҳо, бартариталабиҳо, истисморҳо, истибдодҳо, найрагҳо ва найрангбозиҳо шудааст.

Ду се қарни гузаштаро метавон давраи пасрастиши илм ва гурез аз имон донист. Донишмандони бисёре муътақид шуданд, ки ҳамаи мушкилоти башар бо сарангушти илм гушуда хоҳад шуд, вале таҷриба хилофи онро собит кард. Имрӯз дигар андешаманде ёфт намешавад, ки ниёзи инсонро ба навъе имон, агарчи имони ғайри мазҳабӣ -ки ба ҳар ҳол амри моварои илм аст- инкор кунад. Росел бо онки гароишҳои моддӣ дорад эътироф мекунад, ки:

*Коре, ки манзури он фақат даромад бошад, натиҷаи муфиде (ба) бор нахоҳод овард. Барои чунин натиҷае бояд коре пеша кард, ки дар он имон ба як фард, ба як маром, ба як гоят нуҳуфта бошад.*[1]

Имрӯз материялистҳо ҳам ночоранд муддаӣ шаванд, ки мо аз ҷанбаи фалсафӣ, мотериялист ва аз ҷанбаи ахлоқӣ, идиолист мебошем; яъне аз ҷанбаи назарӣ, моддӣ ва аз ҷанбаи амалӣ ва ормонӣ, маънавӣ ҳастем.[2] Инки чигуна мумкин аст инсон назаран моддӣ бошад ва амалан маънавӣ, мушкиле аст, ки худи моддийин бояд ба он посух бигӯянд.

Ҷурҷ Сортен, донишманди машҳури ҷаҳон ва нависандаи китоби маъруфи Таърихи илм, дар китоби "Шаш бол", норасоӣ ва нотавонии илмро дар инсонӣ

---

[1] Заношуи ва ахлоқ.

[2] Жорж Пулитсер, Усули муқаддамоти фалсафа.

www.tj.islamic-sources.com

сохтани равобити башар ва ниёзи фаврии инсонро ба нерӯи имон чунин баён мекунад;

*Илм дар баъзе заминаҳо тараққиёти азиму шигифте кардааст, вале дар заминаҳои дигар, масалан сиёсати миллӣ ё байналмилалӣ, ки марбут ба равобити афроди инсон бо якдигар аст, ҳанӯз худро ришханд мекунад.*

Ҷорҷ Сортен эътироф дорад, ки имоне, ки мавриди ниёзи инсон аст, имони динӣ ва мазҳабӣ аст. Вай дар бораи ниёзи инсон ба мусъаласи "ҳунар, дин ва илм" чунин мегӯяд;

*Ҳунар зебоиро ошкор месозад ва ҳамин ҷиҳат мояи шодии зиндагӣ мешавад. Дин муҳаббат меоварад ва мусиқии зиндагӣ аст. Илм бо ҳақ ва рости ва ақл сару кор дорад ва мояи ҳушёрии навъи башар мешавад. Ба ҳар сеи инҳо ниёзмандем; ҳам ба ҳунар, ҳам ба дин, ҳам ба илм. Илм ба сурати мутлақ барои зиндагӣ лозим аст, вале ҳаргиз ба танҳоӣ кофӣ нест.*[1]

[1] Шаш бол, саҳ. 305.

www.tj.islamic-sources.com

### Имони мазҳабӣ

Аз мабоҳиси пеш равшан шуд, ки инсон наметавонад бидуни доштани идея, ормон ва имон, зиндагии солим дошта бошад ва ё кори муфид ва самарабахш барои башарият ва тамаддуни башарӣ анҷом диҳад. Инсони минҳои ҳаргуна идея ва имон, ё ба сурати мавҷуди ғарқи дар худхоҳӣ дар меояд, ки ҳеҷ вақт аз манофеъи фардӣ хориҷ намешавад, ва ё ба сурати мавҷуди мураддад ва саргардоне, ки таклифи хешро дар зиндагӣ дар масоили ахлоқӣ ва иҷтимоӣ намедонад. Инсон доиман бо масоили ахлоқӣ ва иҷтимоӣ бархурд менамояд ва ночор бояд аксуламали хоссе дар баробари ингуна масоил нишон бидиҳад. Инсон агар ба мактаб, ақида ва имоне, пайваста бошад таклифаш равшан аст; ва аммо агар мактаб ва ойине таклифашро равшан накарда бошад ҳамеша мураддад ба сар мебарад; гоҳе ба ин сӯ кашида мешавад ва гоҳе ба он сӯ; мавҷуди ноҳамоҳанг мегардад.

Оре, дар асли зарурати пайвастан ба як мактаб ва як идея тардиде нест; он чизе, ки лозим аст мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шавад ин аст, ки танҳо имони мазҳабӣ қодир аст, ки инсонро ба сурати як муъмини воқеӣ дароварад; ҳам худхоҳӣ ва ҳам худпарастиро таҳти шуои имон ва ақида ва маслак қарор диҳад, ва ҳам навъе тааббуд ва таслим дар фард иҷод кунад ба тавре, ки инсон дар кучактарин масъалае, ки мактаб арза медорад ба худ тардид роҳ надиҳад, ва ҳам онро ба сурати як чизи азиз ва маҳбуб ва гаронбаҳо дароварад дар ҳадде, ки зиндагӣ бидуни он барояш ҳечу пуч ва бемаъно бошад ва бо навъе ғайрат ва таассуб аз он ҳимоят кунад.

www.tj.islamic-sources.com

Гароишҳои имонии мазҳабӣ мавҷиби он аст, ки инсон талошҳое бо вуҷуди гароишҳои табиии фардӣ анҷом диҳад ва аҳёнан ҳастӣ ва ҳайсият худро дар роҳи имони хеш фадо созад. Ин дар сурате муясар аст, ки идеяи инсон ҷанбаи тақаддусӣ пайдо кунад ва ҳокимияти мутлақ бар вуҷуди инсон биёбад. Танҳо нерӯи мазҳабӣ аст, ки қодир аст ба идеяҳо тақаддус бибахшад ва ҳукми онҳоро дар камоли қудрат бар инсон ҷорӣ созад.

Гоҳе афроде на аз роҳи идея ва ақидаи мазҳабӣ балки таҳти фишори уқдаҳо, кинатузиҳо, интиқомгириҳо ва билохира ба сурати аксуламали шадид дар баробари эҳсоси фишорҳо ва ситамҳо, даст ба фидокорӣ мезанад ва аз ҷону мол ва ҳамаи ҳайсиятҳои худ мегузаранд, ҳамчунонки монандашро дар гуша ва канори ҷаҳон мебинем. Вале фарқи як идеяи мазҳабӣ ва ғайри мазҳабӣ ин аст, ки онҷо, ки пои ақидаи мазҳабӣ ба миён ояд ва ба идея қадосат бибахшад, фидокориҳо аз рӯи камоли ризоят ва ба таври табиӣ сурат мегирад. Фарқ аст миёни коре, ки аз рӯи ризо ва имон сурат гирад, ки навъе интихоб аст, бо коре, ки таҳти таъсири уқдаҳо ва фишорҳои нороҳаткунандаи дарунӣ сурат мегирад, ки навъе инфиҷор аст.

Дуюман, агар ҷаҳонбинии инсон фақат ҷаҳонбинии моддӣ ва бар асоси инҳисори воқеият дар маҳсусот бошад, ҳаргуна идеяпарастӣ ва ормонхоҳии иҷтимоӣ ва инсонӣ бар хилофи воқеъиятҳои маҳсусе аст, ки инсон дар он ҳангом дар равобити худ бо ҷаҳон эҳсос мекунад.

Ончи натиҷаи ҷаҳонбинии ҳиссӣ аст худпарасатӣ аст, на идеяпарастӣ. Идеяпарастӣ агар бар асоси як ҷаҳонбиние, ки натиҷаи мантиқиаш он идея аст набошад аз ҳудуди хаёлпарастӣ таҷовуз намекунад; яъне инсон бояд ҷаҳони муҷаззо аз воқеъиятҳои мавҷуд, дар даруни худ ва аз хаёли худ бисозад ва бо ҳамон хуш бошад. Вале агар идеяпарастӣ аз дин ва мазҳаб бошад, муттакӣ ба навъе ҷаҳонбиние аст, ки натиҷаи мантиқии он ҷаҳонбинӣ, пайрави аз идеяҳо ва ормонҳои иҷтимоӣ аст. Имони мазҳабӣ пайванде аст дӯстона миёни инсон ва ҷаҳон, ва ба иборати дигар навъе ҳамоҳангӣ аст миёни инсон ва ормонҳои куллии ҷаҳон; аммо имон ва ормонҳои ғайри мазҳабӣ навъе бардагӣ аз ҷаҳон ва сохтани ҷаҳони хаёли барои худ аст, ки ба ҳеч ваҷҳ аз ҷаҳони берун ҳимоят намешавад.

Имони мазҳабӣ танҳо як сислсила таколиф барои инсон бо вуҷуди тамоюлоти табиӣ таъйин намекунад, балки қиёфаи ҷаҳонро дар назари инсон тағйир медиҳад; аносире илова бар аносири маҳсус, дар сохтмони ҷаҳон ироа медиҳад; ҷаҳони хушку сарди меконикӣ ва моддиро ба ҷаҳони ҷондор ва бо шуур ва огоҳ табдил мекунад. Имони мазҳабӣ талаққии инсонро нисбат ба ҷаҳон ва хилқат дигаргун месозад. Вилём Ҷемз, файласуф ва равоншиноси амрикоӣ авоили қарни бистум, мегӯяд:

*Дунёе, ки як фикри мазҳабӣ ба мо арза мекунад на танҳо ҳамон дунёи моддӣ аст, ки қиёфаи он иваз шуда бошад балки дар сохтмони он олам чизҳое бештаре аст аз ончи як нафари моддӣ метавонад дошта бошад.*[1]

[1] Дин ва равон.

www.tj.islamic-sources.com

Гузашта аз ҳамаи инҳо гароиш ба сӯи ҳақоиқ ва воқеиятҳои муқаддас ва қобили парастиш, дар сиришти ҳамаи афроди башар ҳаст. Инсон маркази як силсила тамоюлот ва истеъдодҳои ғайри моддии билқувва аст, ки омодаи парвариш аст. Тамоюлоти инсон мунҳасир ба тамоюлоти моддӣ нест ва гароишҳои маънавӣ сирфан талқинӣ ва иктисобӣ нест. Ин ҳақиқате аст, ки илм онро таъйид мекунад.

Вилём Ҷемз мегӯяд:

*Ғолибан сарчашмаи ангеза ва муҳаррики майлҳои мо аз ин олами моддист, вале майлҳо ва орзуҳои дигаре ҳам дар мо вуҷуд дорад, ки аз олами моварои табиат сарчашма мегирад, чунки ғолиби онҳо бо ҳисобҳои моддӣ ба даст намеояд.*[1]

Ин майлҳо чун вуҷуд дорад бояд парвариш ёбад ва агар дуруст парвариш наёбад ва мариди баҳрабардории саҳеҳ воқеъ нашавад дар як масир ва роҳи инҳирофӣ воқеъ мешавад ва зиёнҳои ғайри қобили тасаввуре ба бор меоварад, ҳамчунон, ки бутпарастиҳо, инсонпарастиҳо, табиатпарастиҳо ва ҳазазорон парастишҳои дигар маълули ҳамин ҷараён аст.

Эрик Фрум мегӯяд:

*Ҳеч кас нест, ки ба дине ниёзманд набошад ва ҳудуде барои ҷиҳатёбӣ ва мавзуе барои дилбастагӣ хеш нахоҳад. Ӯ худ мумкин аст аз маҷмуаи муътақидоташ ба унвони дин, ҷудо аз ақоиди ғайри динӣ огоҳ набошад, ва мумкин аст бар акс, фикр кунад, ки ҳеч дине надорад ва маънои дилбастагии худро ба ғоятҳои зоҳиран ғайри динӣ монанди*

[1] Дин ва равон.

www.tj.islamic-sources.com

*қудрат ва пул ё комёбӣ, фақат нишонаи алоқа ба умури амалӣ ва мувофиқи маслиҳат бидонад. Масъала бар сари ин нест, ки инсон дин дорад ё надорад, балки ин аст, ки кадом динро дорад.*[1]

Мууқсуди ин равоншинос ин аст, ки инсон, бидуни тақдис ва бидуни парастиш наметавонад зиндагӣ кунад; фарзан Худои ягонаро нашиносад ва напарастад, чизе дигарро ба унвони ҳақиқати бартар хоҳад сохт ва ӯро мавзуи имон ва парастиши худ қарор хоҳад дод.

Пас чун зарурат дорад башар идея, ормон ва имоне дошта бошад, ва аз тарафе имони мазҳабӣ танҳо имоне аст, ки қодир аст башарро зери нуфузи воқеии худ қарор диҳад, ва аз тарафи дигар инсон ба ҳукми сиришти хеш дар ҷӯстуҷӯи чизе аст, ки онро тақдис ва парастиш кунад, танҳо роҳ ин аст, ки имони мазҳабиро тақвият кунем.

Қуръони Карим аввалин китобе аст, ки аввалан дар камоли сароҳат, имони маҳзабиро навъе ҳамоҳангӣ бо дастгоҳи офариниш хондааст;

*Оё чизи дигаре ҷуз дини Худоро ҷӯстуҷӯ мекунанд ва ҳол онки ҳарки дар осмонҳо ва замин аст сар бар фармони ӯст.*[٢]

Ва сонияи имони мазҳабиро ҷузъи сиришти инсонҳо муаррифӣ кардааст;

*Ҳақгароёна рӯи худро ба сӯи дин кун, ҳамон, ки сиришти худоӣ аст, ки мардумро бар он сиришта*

[1] Равонковӣ ва дин.

[2] Оли Имрон, ояти 83﴿أَفَغَيْرَ دِينِ اللَّهِ يَبْغُونَ وَلَهُ أَسْلَمَ مَنْ فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ﴾

www.tj.islamic-sources.com

*аст.* [1]

## Осор ва фоидаҳои имон

Ҳарчанд аз ончи то кунун гуфтем то ҳадде осори имони мазҳабӣ равшан гашт, барои инки беҳтар бо осори неки ин “сармояи пурарзиши зиндагӣ” ва ин “мулки маънавӣ” ошно бишавем, мустақилан ин баҳсро тарҳ ва унвон менамоем.

Толстой нависандаи мутафаккири русӣ мегӯяд; *Имон ончизе аст, ки мардум бо он зиндагӣ мекунанд.*

Ҳаким Носири Хисрав хитоб ба фарзандаш мегӯяд:

*Зи дунё рӯй зи дин кардам зирок*
*Маро бедин ҷаҳон чаҳ буду зиндон*
*Маро пуро*[2] *зи дин мулкест дар дил*
*Ки он ҳаргиз нахоҳад гашт вайрон*

Инмони мазҳабӣ осори неки фаровон дорад, чи аз назари тавлиди баҳҷату инбисот, чи аз назари неку сохтани равобити иҷтимоӣ, ва чи аз назари коҳишу рафъи нороҳатиҳои зарурие, ки лозимаи сохтмони ин ҷаҳон аст.

Инак осори имони мазҳабиро дар ин се бахш тавзеҳ медиҳем:

### А. Баҳҷат ва инбисот

Оваллин асари имони мазҳабӣ аз назари баҳҷатзои ва инбисотофарини, хушбинӣ аст; хушбинӣ ба ҷаҳон ва хилқат ва ҳастӣ. Имони мазҳабӣ аз он ҷиҳат, ки

---

[1] Рум ояти 30 ﴿ فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِى فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا... ﴾

[2] Писарам

www.tj.islamic-sources.com

талаққи инсонро нисбат ба ҷаҳон шакли хос медиҳад, ба ин гуна, ки офаринишро ҳадафдор ва ҳадфро хайру такомул ва саодат муъаррифӣ мекунад, табъан диди инсонро нисбат ба низоми куллии ҳастӣ ва қавонини ҳоким бар он хушбинона месозад. Ҳолати фарди боимон дар кишвари ҳастӣ, монанди ҳолати фарде аст, ки дар кишваре зиндагӣ мекунад, ки қавонин ва ташкилот ва низомоти он кишварро саҳеҳ ва одилона медонад, ба ҳусни нияти гардонандагони кишвар низ имон дорад ва қаҳран заминаи тараққӣ ва таолиро барои худаш ва ҳамаи афроди дигар фароҳам мебинад ва муътақид аст, ки танҳо чизе, ки мумкин аст мавҷиби ақабмондагии ӯ бишавад танбалӣ ва бетаҷрубагии худи ӯ ва инсонҳои мананди ӯст, ки монанди ӯ мукаллаф ва мусъуланд.

Аз назари чунин шахсе, масъули ақабмондагии ӯ худаш аст на ташкилот ва низомоти кишвар, ва ҳар нақсе вуҷуд дорад аз онҷост, ки ӯ ва амсоли ӯ вазифа ва масъулияти хешро анҷом надодаанд. Ин надеша табъан ӯро ба ғайрат меоварад ва бо хушбинӣ ва умедворӣ ба ҳаракат ва ҷунбиш вомедорад.

Аммо як фарди беимон дар кишвари ҳастӣ, монанди фарде аст, ки дар кишваре зиндагӣ мекунад, ки қавонин ва ташкилот ва таъсисоти кишварро фосид ва золимона медонад ва аз қабули онҳо ҳам чорае надорад. Даруни чунин фарде ҳамеша пур аз уқда ва кина аст. Ӯ ҳаргиз ба фикри ислоҳи худаш намеафтад, балки фикр мекунад дар ҷои, ки замин ва осмон бар ноҳамворӣ аст ва саросари ҳастӣ зулму ҷавр ва нодурустӣ аст, дурустии заррае монанди ман чи асар дорад?! Чунин касе ҳаргиз аз ҷаҳон лаззат намебарад.

Ҷаҳон барои ӯ ҳамеша монанди як зиндони тарснок аст. Ин аст, ки Қуръони Карим мефармояд:

*Ҳар кас аз таваҷҷуҳ ва ёди ман рӯ баргардонад, зиндагӣ тангу пур аз фишор хоҳад дошт.*[1]

Бале, имон аст, ки зиндагиро дар даруни ҷони мо бар мо вусъат мебахшад ва монеи фишори авомили рӯҳӣ мешавад.

Дувумин асари имони мазҳабӣ аз назари баҳҷатзудоӣ ва инбисотофаринӣ, равшандилӣ аст. Инсон ҳамин, ки ба ҳукми имони мазҳабӣ ҷаҳонро ба нури ҳақ ва ҳақиқат равшан дид, ҳамин равшанбинӣ, фазои рӯҳии ӯро равшан мекунад ва дар ҳукми чароғе мегардад, ки дар дарунаш равшан шуда бошад, бар хилофи як фарди беимон, ки ҷаҳон дар назараш пуч, торик, холӣ аз дарку биниш ва равшанӣ аст, ва ба ҳамин сабаб хонаи дили худаш ҳам дар ин торикхонае, ки худ фарз кардааст торику музлим аст.

Сеюмин асари имони мазҳабӣ аз назари тавлиди баҳҷат ва инбисот, умедворӣ ба натиҷаи хуб, талоши хуб аст.

Аз назари мантиқи моддӣ, ҷаҳон нисбат ба мардуме, ки дар роҳи саҳеҳ ва ё роҳи ботил, роҳи адолат ё роҳи зулм, роҳи дурустӣ ё роҳи нодурустӣ мераванд бетараф ва бетафовут аст; натиҷаи корашон баста аст танҳо ба як чиз: миқдори талошу бас.

Вале дар мантиқи фарди боимон, ҷаҳон нисбат ба талоши ин ду даста бетараф ва бетафовут нест; аксуламали ҷаҳон дар баробари ин ду навъ талош

---

[1] Сураи Тоҳо ояти 124 ﴿مَنْ أَعْرَضَ عَنْ ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنْكًا...﴾

www.tj.islamic-sources.com

яксон нест, балки дастгоҳи офариниш пуштибони мардуме аст, ки дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат, дурустию адолат ва хайрхоҳӣ талош мекунанд;

*Агар Худоро ёрӣ кунед (яъне дар роҳи ҳақ қадам бардоред) Худованд шуморо ёрӣ мекунад.*[1]

*Аҷру подоши некукорон ҳаргиз ҳадар намеравад.*[2]

Чоҳорумин асари имони мазҳабӣ аз назаргоҳи баҳҷату инбисот, оромиши хотир аст. Инсон фитратан ҷуёи саодати хеш аст; аз тасаввури расидан ба саодат ғарқи дар массарат мегардад ва аз фикри як оядаи шум ва ҳамроҳ бо маҳрумият ларза бар андомаш меафтад, сахт дучори дилҳура ва изтироб мегардад. Ончи сабаби саодати инсон мегардад ду чиз аст:

1. Талош.
2. Итминон ба шароити муҳит.

Муваффақияти як донишомӯз, вобаста ду чиз аст: саъйю талоши худаш, ва дигар мусоидат ва омодагии муҳити мадраса ва ташвиқу тарғиб, ва тақдири масъулони мадраса. Як донишомӯзи кушо агар ба муҳите, ки дар онҷо дарс мехонад ва муаллиме, ки охири сол баҳо медиҳад эътимод надошта бошад ва нигарони як рафтори ғайриодилона бошад, дар тамоми рӯзҳои сол дилҳура ва изтироб саропои вуҷудашро мегирад.

Таклифи инсон бо худаш равшан аст. Аз ин ноҳия изтиробе даст немедиҳад, зеро изтироб аз шак ва

---

[1] Сураи Муҳаммад ояти 7 ﴿إِنْ تَنْصُرُوا اللَّهَ يَنْصُرْكُمْ﴾

[2] Сураи Тавба ояти 120 ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ﴾

www.tj.islamic-sources.com

тардид падид меояд. Инсон дар бораи ончи марбут ба худаш аст шак ва тардид надорад. Ончи, ки инсонро ба изтироб ва нигронӣ мекашонад ва одамӣ таклифи худашро дар бораи ӯ равшан намебинад ҷаҳон аст.

Оё кори хуб фоида дорад? Оё садоқат ва амонат беҳуда аст? Оё бо ҳамаи талошҳо ва анҷоми вазифаҳо поёни кор маҳрумият аст? Инҷост, ки дилҳура ва изтироб дар маҳибтарин шаклҳо рух менамояд.

Имони мазҳабӣ ба ҳукми инки ба инсон, ки як тарафи муомила аст, нисбат ба ҷаҳон, ки тарафи дигари муомила аст, эътимод ва итминон мебахшад, дилҳура ва нигаронӣ нисбат ба рафтори ҷаҳонро дар баробари инсон аз байн мебарад ва ба ҷои он ба ӯ оромиши хотир медиҳад. Ин аст, ки мегӯем яке аз осори имони мазҳабӣ оромиши хотир аст.

Яке дигар аз осори имони мазҳабӣ аз ҷанбаи инбисотбахшӣ, бархурдории бештар аз як силсила лаззатҳост, ки "лаззати маънавӣ" номида мешавад. Инсон ду гуна лаззат дорад: як навъ лаззатҳое ҳастанд, ки ба яке аз ҳавоси инсон тааллуқ дорад, ки дар асари барқарории навъе иртибот миёни як узв аз аъзо бо яке аз маводди хориҷӣ ҳосил мешавад, монанди лаззате, ки чашм аз роҳи дидан ва гуш аз роҳи шунидан ва даҳон аз роҳи чашидан ва ломиса аз роҳи тамос мебарад; навъе дигар лаззатҳое ҳастанд, ки ба умқи рӯҳу виҷдони одамӣ марбут аст ва ба ҳеч узви хоссе марбут нест ва таҳти таъсири барқарории робита бо як моддаи берунӣ ҳосил намешавад, монанди лаззате, ки инсон аз эҳсон ва хидмат, ё аз маҳбубияту эҳтиром, ё аз муваффақияти худ ё аз муваффақияти фарзанди худ мебарад, ки на ба узви хосе тааллуқ дорад ва на

www.tj.islamic-sources.com

таҳти таъсири мустақими як омили моддии хориҷӣ аст.

*Лаззат*ҳои маънавӣ аз *лаззат*ҳои моддӣ, ҳам қавитар аст ва ҳам дерпотар. *Лаззат*и ибодат ва парастиши Худо барои мардуми орифи ҳаққпараст аз ин гуна *лаззат*ҳост. Обидони ориф, ки ибодаташон ҳамроҳи бо ҳузуру хузуъ ва истиғроқ аст болотарин *лаззат*ҳоро аз ибодат мебаранд. Дар забони дин аз таъми имон ва ҳаловати имон ёд шудааст. Имон ҳаловате дорад, ки фавқи ҳамаи ҳаловатҳост. *Лаззат*и маънавӣ онгоҳ дучандон мешавад, ки корҳое аз қабили касби илм, эҳсон, хидмат, муваффақияту пирӯзи, аз ҳисси динӣ нашъат гирад ва барои Худо анҷом шавад ва дар қаламрави ибодат қарор гирад.

**Б. Нақши имон дар беҳбуди робитаҳои иҷтимоӣ**

Инсон монанди бархе аз ҷондорони дигар, иҷтимоӣ офарида шудааст. Фард ба танҳоӣ қодир нест ниёзҳои хешро бартараф созад. Зиндагӣ бояд ба сурати як ширкат дарояд, ки ҳама дар вазоиф ва баҳраҳо саҳим бошанд ва як навъ тақсими кор миёни афрод барқарор шавад бо ин тафовут миёни инсон ва дигар ҷондорҳои иҷтимоӣ монанди занбур, ки дар онҳо тақсими кор ва вазифа ба ҳукми ғариза ва ба фармони табиат сурат гирифтааст ва имкони ҳар навъ тахаллуф ва сарпечӣ аз онҳо гирифа шудааст, бар хилофи инсон, ки мавҷуди озод ва мухтор аст ва кори хешро озодона ва ба унвони вазифа ва таклиф бояд анҷом диҳад. Ба иборати дигар, он ҷондорҳо ҳамон тавре, ки ниёзҳояшон иҷтимоӣ аст, ғаризаҳои иҷтимоӣ низ ба сурати ҷабри ҳоким бар онҳост. Инсон ниёзҳояш интимоӣ аст бидуни онки

www.tj.islamic-sources.com

чунон ғаризаҳое бар ӯ ҳукумат кунад. Ғаризаҳои иҷтимоӣ инсон ба сурати як силсила тақозо дар ботини инсон вуҷуд дорад, ки дар сояи таълиму тарбият бояд парвариш ёбад.

Зиндагии солими иҷтимоӣ он аст, ки афрод қавонин ва ҳудуду ҳуқуқи якдигарро муҳтарам шуморанд, адолатро амри муқаддас ба ҳисоб оваранд, ба якдигар меҳр варзанд, ҳар як барои дигари онро дӯст дорад, ки барои худ дӯст медорад ва онро написандад, ки барои худ намепасандад, ба якдигар эътимод ва итминон дошта бошанд, зомини эътимоди мутақобили онҳо кайфиятҳои рӯҳии онҳо бошад, ҳар фарде худро мутааҳҳид ва масъули иҷтимоӣ худаш бишуморад, дар сирритарин ниҳонхонаҳо ҳамон тақво ва покдоманӣ аз онҳо буруз кунад, ки дар малаъи ом, дар ниҳояти бетамаъӣ ба якдигар некӣ кунанд, дар муқобили зулму ситам бапо хезанд ва ба ситамгар ва фасодгар маҷоли ситамгарӣ ва фасод кардан надиҳанд, муттаҳид ва муттафиқ буда бошанд.

Он чизе, ки беш аз ҳар чиз ҳақро муҳтарам, адолатро муқаддас, дилҳоро ба якдигар меҳрубон ва эътимоди мутақобилро миёни афрод барқарор месозад, тақво ва ифофро то умқи виҷдони одами нуфуз медиҳад, ба арзишҳои ахлоқӣ эътибор мебахшад, шуҷоати муқобила бо ситам иҷод мекунад ва ҳамаи афродро монанди аъзои як пайкар ба ҳам пайванд медиҳад ва муттаҳид мекунад, имони мазҳабӣ аст.

Таҷаллиёти инсонҳо, ки монанди ситорагон дар осмони таърихи пурҳаводиси инсонӣ медурахшад,

www.tj.islamic-sources.com

ҳамонҳое аст, ки аз эҳсосҳои мазҳабӣ сарчашма гирифтааст.

**В. Коҳиши нороҳатиҳо**

Зиндагӣ башар хоҳ-нохоҳ ҳамчунон, ки хушиҳо, шириниҳо, ба даст оварданҳо ва комёбиҳо дорад, ранҷҳо, шикастҳо, аз даст доданҳо, талхиҳо ва нокомиҳо дорад. Бисёре аз онҳо қобили пешгирӣ ё бартараф кардан аст ҳарчанд пас аз талоши зиёд. Ошкор аст, ки башар мувазЗаф аст бо табиат панҷа нарм кунад, талхиҳоро табдил ба ширинӣ намояд; аммо баъзе аз ҳодисаҳои ҷаҳон қобили пешгирӣ ва ё бартараф сохтан нест. Масалан пирӣ. Инсон хоҳ-нохоҳ ба сӯи пирӣ қадам мебардорад ва чароғи умраш рӯ ба хомушӣ меравад. Нотавонӣ ва заъфи пирӣ ва дигар аворизи он чеҳраи зиндагиро ғамгин ва тираву тор мекунад. Ба илова андешаи марг ва нестӣ, чашм бастан аз ҳастӣ, рафтан ва ҷаҳонро ба дигарон вогузоштан, ба навъе дигар инсонро ранҷ медиҳад.

Имони мазҳабӣ дар инсон нерӯи муқовимат меофаринад ва талхиҳоро ширин мегардонад. Инсони боимон медонад ҳар чизе дар ҷаҳон ҳисоби муайне дорад ва агар аксуламалаш дар баробари талхиҳо ба наҳви матлуб бошад, фарзан худи ин (талхӣ) ғайри қобили ҷуброн бошад, ба наҳви дигар аз тарафи Худованди Мутаол ҷуброн мешавад. Пирӣ ба ҳукми инки поёни кор нест ва ба илова як фарди боимон ҳамеша фароғати хешро бо ибодат ва унс гирифтан бо зикри Худо пур мекунад, дӯстдоштанӣ мешавад ба тавре, ки лаззати зиндагӣ дар давраи пирӣ барои

www.tj.islamic-sources.com

мардуми худопараст аз давраи ҷавонӣ бештар мегардад.

Қиёфаи марг дар чашми фарди боимон бо ончи дар чашми фарди беимон менамояд, иваз мешавад. Аз назари чунин фарде, дигар марг, нестӣ ва фано нест, интиқол аз дунёи фонӣ ва гузаро ба дунёи боқӣ ва пойдор, ва аз ҷаҳони кучактар ба ҷаҳони бузургтар аст; марг, мунтақил шудан аз ҷаҳони амалу кишт аст ба ҷаҳони натиҷа ва маҳсул. Аз ин рӯ чунин фарде нигарониҳои хешро аз марг бо кушиш дар корҳои нек, ки дар забони дин амали солеҳ номида мешавад бартараф месозад.

Аз назари равоншиносон, мусаллам ва қатъӣ аст, ки аксари бемориҳои равоние, ки аз норҳатиҳои рӯҳӣ ва талхиҳои зиндагӣ нашъат гирифтааст, дар миёни афроди ғайри мазҳабӣ дида мешавад. Афароди мазҳабӣ ба ҳар нисбат, ки имони қавӣ ва мустаҳкам дошта бошанд аз ин бемориҳо маҳфуз ҳастанд. Аз ин рӯ яке аз мушкилоти зиндагии асри мо, ки дар асари заъфи имонҳои мазҳабӣ падид омадааст, афзоиши бемориҳои равонӣ ва асабӣ аст.

www.tj.islamic-sources.com

## Мактаб ва идеология

Мактаб ё идеология чист ва чигуна таъриф мешавад? Чи зарурате аст, ки инсон ба унвони як фард ва ё ба унвони узви як ҷомеа пайрави як мактаб бошад ва ба як идеология бипайвандад ва имон дошта бошад? Оё вуҷуди як идеология барои фард ё ҷомеаи инсонӣ зарурӣ аст? Муқаддимае инҷо лозим аст.

Фаолиятҳои инсон ду гуна аст: илтизозӣ ва тадбирӣ. Фаолиятҳои илтизози ҳамон фаолиятҳои содае аст, ки инсон таҳти таъсири мустақими ғариза ва табиат ва ё одат -ки табиати сонавӣ аст- барои расидан ба як лаззат ва ё фарор аз як ранҷ анҷом медиҳад; масалан ташна мешавад ва ба сӯи зарфи об даст мебарад, газандае мебинад ва по ба фирор мегузорад.

Ингуна корҳо корҳое аст мувофиқ ва мулоим бо майл, ва мустақиман бо лаззат ва ранҷ сару кор дорад. Кори лаззатовар бо навъе ҷозиба инсонро ба сӯи худ мекашад ва кори ранҷовар бо навъе дофеа, инсонро аз худ дур месозад.

Фаолиятҳои тадбирӣ корҳое аст, ки худи он корҳо ҷозиба ё дофеа надоранд ва ғариза ва табиат, инсонро ба сӯи он корҳо намекашонад ва ё аз онҳо дур намесозад, инсон ба ҳукми ақл ва ирода ба хотири маслиҳате, ки дар онҳо нуфтааст ва ё ба хотири маслиҳате, ки дар тарки онҳо мебинад онҳоро анҷом медиҳад ё тарк мекунад; яъне иллати ғоӣ ва нерӯи муҳаррик ва барангезонандаи инсон маслиҳат аст на лаззат. Лаззатро табиат ташхис медиҳад ва маслиҳатро ақл. Лаззат барангезонандаи майл аст ва маслиҳат барангезандаи ирода. Инсон аз корҳои илтизозӣ дар ҳангоми анҷоми кор лаззат мебарад вале аз корҳои

www.tj.islamic-sources.com

маслиҳатӣ лаззат намебарад аммо аз тасаввури инки қадаме ба сӯи маслиҳати ниҳоӣ -ки хайру камол ва ё лаззате дар оянда аст- наздик мешавад хурсанд мегардад. Фарқ аст миёни коре, ки лаззатбахш ва масарратофарин бошад бо коре, ки лаззате намебахшад ва аҳёнан ранҷовар аст вале инсон бо ризояту хурсанди он ранҷро таҳаммул мекунад. Корҳои маслиҳатӣ дар асари дурдаст будани натиҷа, лаззатовар ва баҳҷатзо нестанд, аммо ризоятбахш ҳастанд. Лаззат ва ранҷ аз муштаракоти инсон ва ҳайвон аст, аммо ризоят ва хурсандӣ ва ё кароҳату норизоӣ аз мухтассоти инсон аст, ҳамчунон, ки орзу доштан аз мухтассоти башар аст. Ризояту кароҳат ва орзу дар қаламрави маъқулот ва дар ҳавзаи тафаккуроти башар воқеанд, на дар ҳавзаи ҳавос ва идрокоти ҳиссии ӯ.

Гуфтем, ки инсон корҳои тадбирии худро бо нерӯи ақл ва ирода анҷом медиҳад, бар хилофи корҳои илтизозӣ, ки ба ҳукми эҳсос ва майл сурат мегирад. Маънии инки ба ҳукми ақл анҷом мегирад ин аст, ки нерӯи ҳисобгари ақл, хайру камол ва ё лаззатеро дар дурдаст мебинад ва роҳи расидан ба онро, ки аҳёнан саъбул убур ва душвор аст кашф мекунад ва тарҳи расидан ба онро мерезад; ва маънии инки бо нерӯи ирода анҷом мегирад ин аст, ки дар инсон як қувваи вобаста ба қувваи ақл вуҷуд дорад, ки нақши иҷрокунандаи мусаввиботи ақлро дорад ва аҳёнан бар хилофи ҳамаи майлҳо ва ҳамаи ҷозибаҳо ва кашишҳои табиӣ, мусаввиботи ақлонӣ ва тарҳҳои фикриро иҷро мекунад.

www.tj.islamic-sources.com

Як донишҷӯ, табиати ҷавониаш ӯро ба сӯи хоб ва хурок ва осоиш ва шаҳватронӣ ва бозигушӣ мехонад, аммо ақли ҳисобгараш, ки аз як тараф ба натиҷаи зарарноки ин корҳо ва аз тарафи дигар ба оқибати хуби сахткушиҳо, бехобиҳо ва чашм аз шаҳвату лаззат пушиданҳо меандешад, ба ҳукми маслиҳат ба ӯ фармон медиҳад, ки бахши дуюмро интихоб кунад. Дар ин ҳангом инсон ҳукми ақлро, ки маслиҳат аст бар ҳукми табиат, ки лаззат аст тарҷеҳ медиҳад, ҳамон гуна, ки як бемор аз дору нафрат дорад, аз нушидани доруи талх ва бадмазза ранҷ мебарад, аммо ба ҳукми ақли маслиҳатандеш ва бо нерӯи иродаи ҳоким бар майлҳо, доруи талхи бадмаззаро мехурад.

Ақл ва ирода ҳар андоза нерумандтар бошанд фармони худро беҳтар ба табиат -бо вуҷуди тамоюлоташ- таҳмил менамоянд.

Инсон дар фаолиятҳои тадбирии худ ҳамеша як тарҳ ва нақша ва як теуриро дар марҳилаи амал пиёда мекунад. Инсон ҳар андоза аз ноҳияи ақл ва ирода такомул ёфтатар бошад, фаъолиятҳояш бештар тадбирӣ аст то илтизозӣ, ва ҳар андоза ба уфуқи ҳайвоният наздиктар бошад, фаъолиятҳояш бештар илтизозӣ аст то тадбирӣ, зеро фаолияти ҳайвонӣ ҳама илтизозӣ аст. Дар ҳайвон аҳёнан фаолиятҳое, ки нишон медиҳад барои ҳадафҳо ва натиҷаҳои дур даст аст, дида мешавад аз қабили лона сохтан, муҳоҷират, ҷуфтгирӣ ва тавлиди насл; вале ҳеҷ як аз онҳо огоҳона ва аз рӯи огоҳӣ ба ҳадаф ва аз рӯи тафаккур барои пайдо кардани роҳи расидан ва интихоби василае сурат намегирад, балки бо навъе илҳоми ҷабрӣ ва ғаризӣ сурат мегирад. Инсон аз назари фаолиятҳои

www.tj.islamic-sources.com

тадбирӣ то онҷо доираи фаолияташ густариш меёбад, ки фаолиятҳои илтизозиашро ҳам дарбар мегирад; яъне барномарезиҳои маслиҳатӣ то онҷо мумкин аст ба диққат пайрезӣ шавад, ки лаззатҳо дар кодри маслиҳатҳо қарор гирад ва ҳар лаззате дар айни инки лаззат аст маслиҳат ҳам бошад ва ҳар фаъолияти табиӣ дар ҳамон ҳол, ки посухгуӣ ба даъвати табиӣ аст итоати фармони ақл низ бошад. Агар фаолияти тадбирӣ фаолиятои илтизозиро зери пушиши худ қарор диҳад, ва агар фаъолиятҳои илтизозӣ, бахше аз тарҳи куллӣ ва барномаи умумии тадбири зиндагӣ қарор гирад, табиат бо ақл, ва майл бо ирода интибоқ пайдо меёбанд.

Фаолияти тадбирӣ ба ҳукми онки бар меҳвари як силсила ғоятҳо ва аҳдофи дурдаст мегардад, хоҳ-нохоҳ ниёзманд ба тарҳу барнома ва равиш ва интихоби васила барои расидан ба мақсад аст, ва то онҷо, ки ҷанбаи фардӣ дорад -яъне як фард худ барои худ тадбир мекунад- тарроҳ ва барномарез ва таъйинкунандаи роҳу равиш ва васила, ақли фарде аст, ки албатта бо мизони маълумот ва иттилоот ва омухтаҳо ва нерумандии қазовати ӯ, бастагӣ дорад.

Фаъолияти тадбирӣ бар фарз ба авҷи камоли худ бирасад, барои инсонӣ шудани фаъолиятҳои инсон кофӣ нест. Фаъолияти тадбирии инсон, шарти лозими инсоният аст, зеро ними аз инсонияти инсонро ақл ва илм ва огоҳӣ ва тадбири ӯ ташкил медиҳад, аммо шарти кофӣ нест. Фаолияти инсонӣ онгоҳ инсонӣ аст, ки илова бар ақлонӣ будан ва иродӣ будан, дар ҷиҳати гароишҳои олии инсонӣ бошад ва лоақал бо гароишҳои олӣ мухолиф набошад. Ва илло ҷиноят

www.tj.islamic-sources.com

омезтарин фаъолиятҳои башарӣ аҳёнан бо тадбирҳо ва тезҳушиҳо ва моландешиҳо ва тарҳрезиҳо ва теури созиҳо сурат мегирад. Нақшаҳои шайтонии истеъморӣ беҳтарин шоҳид муддаост. Дар истилоҳоти динии исломӣ, неруи тадбир онҷо, ки аз гароишҳои инсонӣ ва имонӣ ҷудо мешавад ва дар хидмати аҳдофи моддӣ ва ҳайвонӣ қарор мегирад, "нукро" ва "шайтанат" номида шудааст. Бигузарем аз ин ҷиҳат, ки фаолияти тадбирӣ лузуман инсонӣ нест балки агар бар меҳвари ҳадафҳои ҳайвонӣ бошад аз фаолиятҳои илтизозии ҳайвонӣ хатарноктар аст -масалан ҳайвоне ба хотири пур кардани шиками худ ҳайвоне ё инсонеро медарад, вале инсони тадбиргари ҳисобгар барои мақсуде дар ҳамин ҳад, шаҳрҳоеро вайрон мекунад ва садҳо ҳазор нафари бегуноҳро ба оташ мекашад- бале, бигузарем аз ин ҷиҳат, оё аҳдофи ақл аз назари маҷмуи масолеҳи фардӣ кофӣ аст? Ба иборати дигар, ҳадди короии ақли фардӣ аз назари ироаи масолеҳи фардӣ чист?

Дар инки неруи ақл ва тафаккур ва андеша барои тадбирҳои ҷузъӣ ва маҳдуди зиндагӣ зарурӣ ва муфид аст баҳсе нест. Инсон дар зиндагӣ ҳамеша мувоҷеҳ бо масоиле аст монанди интихоби дӯст, интихоби риштаи таҳсилӣ, интихоби ҳамсар, интихоби шуғл, мусофират, муошират, тафриҳ, фаолиятҳои некукорона, мубориза бо каҷиҳо ва норостиҳо ва ғ. Бидуни шак дар ҳамаи инҳо ниёзманди ба тафаккур ва андеша ва тадбир аст ва ҳарчи бештар ва беҳтар биёндешад муваффақияти бештар касб мекунад, ва аҳёнан ниёзманд ба истимдод аз тафаккур ва таҷрибаи дигарон мешавад -асли машварат-. Дар ҳамаи ин

www.tj.islamic-sources.com

мавориди ҷузъӣ, инсон тарҳе таҳия мекунад ва онро ба марҳилаи иҷро дармеоварад.

Дар доираи куллӣ ва васеъ читавр? Оё инсон қодир аст тарҳи куллӣ барои ҳамаи масоили зиндагии шахсии худ, ки ҳамаро дарбар гирад ва мунтабиқ бар ҳамаи масолеҳи зиндагӣ ӯ бошад бирезад, ё қудрати тарҳрезии фикрии фардӣ дар ҳудуди масоили ҷузъӣ ва маҳдуд аст ва иҳота бар маҷмуи масолеҳи зандагӣ, ки саодати ҳамаҷонибаро дарбар бигирад аз уҳдаи неруи ақл берун аст?

Медонем, ки бархе файласуфон ба чунин худкифоӣ муътақид буданд; муддаӣ шуданд, ки роҳи саодат ва шақоватро кашф кардаем ва бо эътимод ба ақл ва ирода, худро хушбахт месозем. Аммо аз тарафи дигар медонем, ки дар ҷаҳон ду файласуф ёфт намешаванд, ки дар пайдо кардани ин роҳ, ваҳдати назар дошта бошанд. Худи саодат, ки ғояти аслӣ ва ниҳоӣ аст ва дар ибтидо мафҳуми возеҳ ва бадеҳӣ ба назар мерасад, яке аз ибҳомомезтарин мафоҳим аст. Инак саодат чист ва бо чи чизҳое ба даст меояд, шақоват чист ва авомили он кадом аст, ҳанӯз ба сурати як маҷҳул матарҳ аст ва ношинохта боқӣ мондааст, чаро? Чун ҳанӯз, ки ҳанӯз аст худи башар ва истеъдодҳо ва имконоташ ношинохтааст. Магар мумкин аст худи башар ношинохта бимонад ва саодаташ, ки чист ва бо чи чизе муяссар мешавад шинохта гардад?!

Болотар инки инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст; зиндагии иҷтимоӣ ҳазорҳо масъала ва мушкил барояш ба вуҷуд меоварад, ки бояд ҳамаи онҳоро ҳал кунад ва таклифашро дар муқобили ҳамаи онҳо равшан намояд; ва чун мавҷуде аст иҷтимоӣ, саодаташ,

www.tj.islamic-sources.com

ормонҳояш, меъёрҳои хайру шарраш, роҳу равишаш, интихоби василааш, бо саодатҳо ва ормонҳо ва меъёрҳои хайру шарҳо ва роҳу ровишҳо ва интихоби василаҳои дигарон омехтааст; наметавонад роҳи худро мустақил аз дигарон баргузинад; саодати худро бояд дар шоҳроҳе ҷӯстуҷӯ кунад, ки ҷомеаро ба саодат ва камол бирасонад.

Ва агар масъалаи ҳаёти абадӣ ва ҷовидонагии рӯҳ ва таҷриба надоштани ақл нисбат ба нашъаи мобаъди нашъаи дунёро дар назар бигирем, масъала бисёр мушкилтар мешавад.

Инҷост, ки ниёз ба як мактаб ва идеология зарурати худро нишон медиҳад; яъне ниёзи ба як теурии куллӣ, як тарҳи ҷомеъ ва ҳамоҳанг ва мунсаҷим, ки ҳадафи аслӣ, камоли инсон ва таъмини саодати ҳамагонӣ аст ва дар он, хутути аслӣ ва равишҳо, боядҳо ва набоядҳо, хубҳо ва бадҳо, ҳадфҳо ва василаҳо, ниёзҳо ва дардҳо ва дармонҳо, масъулиятҳо ва таклифҳо мушаххас шуда бошад ва манбаъи илҳоми таклифҳо ва масъулиятҳо барои ҳамаи афрод буда бошад.

Инсон аз оғози пайдоиш, лоақал аз даврае, ки рушду тавсеаи зиндагии иҷтимоӣ сабаби як силсила ихтилофот шудааст,[1] ниёзманд ба идеология ва ба истилоҳи Қуръон шариат будааст. Ҳарчи замон гузашта ва инсон рушд карда ва такомул ёфтааст, ин ниёз шадидтар шудааст. Дар гузашта, гароишҳои хунӣ ва нажодӣ ва қавмӣ ва қабилаӣ ва миллӣ, монанди як

[1] Аз маҷмуи оёти Қуръони Карим ба даст меояд, ки ин ихтилофот ва ин ниёз, аз замони Нуҳ (а) пайдо шудааст. Пайғамбарони пештар соҳиби шариъат набуданд. Руҷуъ шавад ба тафсири Алмизон, дар зери ояти 213 аз сураи Бақара.

www.tj.islamic-sources.com

рӯҳи ҷамъӣ бар ҷомеаҳои инсонӣ ҳоким буд. Ин рӯҳ ба навбаи худ як силсила ормонҳои ҷамъӣ -агар чи ғайри инсонӣ- ба вуҷуд меовард ва ба ҷомеа ваҳдат ва ҷиҳат медод. Рушду такомули илмӣ ва ақлӣ, он пайвандҳоро суст кардааст. Илм ба ҳукми хосияти зотии худ тамоюл ба фардият дорад, отифаҳоро заиф ва пайвандҳои эҳсосиро суст мекунад. Ончи башари имрӯз -ва ба тариқи авло башари фардо- ро ваҳдат ва ҷиҳат мебахшад ва ормони муштарак медиҳад ва меъёри хайру шар ва бояду набояд барояш мегардад, як фалсафаи зиндагӣ интихоби огоҳонаи ормонхези муҷаҳҳаз ба мантиқ, ва ба иборати дигар як идеологияи ҷомеъ ва комил аст.

Башари имрӯз бештар аз башари дирӯз ниёзманд ба чунин фалсафаи зиндагӣ аст, фалсафае, ки қодир бошад ба ӯ дилбастагӣ ба ҳақоиқи моварои фардӣ ва манофеи фард бидиҳад. Имрӯз дигар ҷои тардид нест, ки мактаб ва идеология аз заруриёти ҳаёти иҷтимоӣ аст.

Инчунин мактаберо чи касе қодир аст тарҳ ва пайрезӣ кунад? Бидуни шак ақли як фард қодир нест. Оё ақли ҷамъ қодир аст? Оё инсон метавонад бо истифода аз маҷмуъи таҷрибаҳо ва маълумоти гузашта ва ҳоли худ чунин тарҳе бирезад? Агар инсонро болотарин маҷҳул барои худаш бидонем, ба тариқи авло ҷомеаи инсонӣ ва саодати иҷтимоӣ маҷҳултар аст. Пас чӣ бояд кард? Инҷост, ки агар диди ростин дар бораи ҳастӣ ва хилқат дошта бошем, низоми ҳастиро низоми мутаодил бидонем, халаъ ва пучиро аз ҳастӣ нафй намоем, бояд эътироф кунем, ки дастгоҳи азими хилқат ин ниёзи бузургро, ин

www.tj.islamic-sources.com

бузургтарин ниёзҳоро, раҳо накарда ва аз уфуқи мо фавқи ақли инсон, яъне уфуқи ваҳй, хутути аслии ин шоҳроҳро мушаххас кардааст (асли нубувват). Кори ақл ва илм, ҳаракат дар даруни ин хутути аслӣ аст. Чи зебо ва оли гуфта Буалӣ Сино дар китоби Наҷот, онҷо, ки ниёзҳои инсонҳоро ба шариати илоҳӣ, ки ба василаи инсоне (набӣ) баён шуда бошад, тавзеҳ медиҳад:

*Ниёз ба набӣ ва баёнкунандаи шариати илоҳӣ ва идеологияи инсонӣ дар бақои навъи инсон ва дар расидани инсон ба камоли вуҷудии инсониаш, басе бештар аст аз ниёз ба руёнидани мӯ бар абрувон ва манофеи дигар аз ин қабил, ки сирфан нофеъ дар бақои навъи инсонанд бидуни инки зарурати бақои навъ иҷоб кунад.*

Яъне дастгоҳи азими хилқат, ки ниёзҳои кучак ва ғайри заруриро раҳо накардааст, чигуна мумкин аст заруритарин ниёзҳоро раҳо кунад?!

Аммо агар аз диди ростин дар бораи ҳастӣ ва офариниш маҳрум бошем, бояд таслим шавем, ки инсон маҳкум ба саргаштагӣ ва гумроҳӣ аст ва ҳар тарҳу ҳар идеология аз тарафи инсони саргашта дар зулматкадаи табиат, ҷуз саргармӣ ва сардаргумӣ чизе дигаре нест.

Бо баёни фавқ ҳамчунон, ки зарурати вуҷудии як мактаб ва идеология намоён мешавад, зарурати пайвастани фард ба як мактаб ва идеология низ равшан мегардад.

Аммо пайвастани як фард ба як идеология онгоҳ сурати воқеӣ ба худ мегирад, ки шакли имон ба худ бигирад, ва имон ҳақиқате аст, ки бо зур ва ба хотири маслиҳат суратпазир нест. Бо зур метавон ба матлабе

www.tj.islamic-sources.com

таслим шуд ва гардан ниҳод, вале идеология гардан ниҳоданӣ нест, идеология пазируфтанӣ ва ҷазб шуданӣ аст, идеология имон металабад.

Як идеологияи коромад, аз тарафе бояд бар навъе аз ҷаҳонбинӣ такя дошта бошад, ки битавонад ақлро қонеъ ва андешаро тағзия намояд, ва аз тарафи дигар бояд битавонад мантиқан аз ҷаҳонбинии худаш ҳадафҳое истинтоҷ кунад, ки кашиш ва ҷазаба дошта бошанд. Дар ин ҳангом ишқ ва қонеъшудан, ки ду унсури асосии имонанд даст ба дасти якдигар дода, ҷаҳонро месозанд.

Дар инҷо чанд масъала ҳаст, ки ночорем ба таври иҷмол ва ихтисор матраҳ кунем ва тафсили онҳоро ба фурсати муносибтар вомегузорем.

А. Идеологияҳо ду гунаанд: инсонӣ ва гурӯҳӣ. Идеологияҳои инсонӣ яъне идеологияҳое, ки мухотаби онҳо навъи инсон аст на қавм ё нажод ё табақаи хос, ва иддиои наҷоти навъи инсонро дорад, на наҷот ва раҳоии гурӯҳ ё табақаи муаян; тарҳеро, ки ироа медиҳад шомили ҳамаи инсонҳост на дастаи махсусе; пуштибонон ва ҳомиёне, ки ҷалб мекунад аз миёни ҳамаи қишрҳо, гурӯҳҳо, миллатҳо ва табақот аст на як қишр ё гурӯҳи муаян.

Идеологияи гурӯҳӣ, бар акс мухотабаш гурӯҳ ё табақа ё қишри хос аст ва иддиои роҳоӣ ва наҷот ё сиёдату бартарии ҳамон гурӯҳро дорад ва мухотабаш ҳам танҳо ҳамон гурӯҳ аст ва тарҳе ҳам, ки ироа медиҳад вижаи ҳамон гурӯҳ аст ва танҳо аз миёни ҳамон гурӯҳ ҳам пуштибон ва ҳомӣ ҷазб мекунад ва сарбоз мегирад.

www.tj.islamic-sources.com

Ҳар як аз ин ду навъи идеология, мабни бар навъи дид дар бораи инсон аст. Идеология умумӣ ва инсонӣ монанди идеология исломӣ навъе шинохт аз инсон дорад, ки аз он ба “фитрат” таъбир мешавад. Аз назари Ислом, имон дар ҷараёни хилқат, муқаддам бар таъсири авомили таърихӣ  ва авомили иҷтимоӣ, дорои буъди вуҷудии хос шуда ва истеъдодҳои воло, ки ӯро аз ҳайвон ҷудо мекунад ва ба ӯ ҳувият мебахшад ба ӯ дода шудааст. Тибқи ин назар, инсон дар матни хилқат аз навъе  шуъур ва виҷдони навъӣ, ки дар ҳамаи инсонҳо вуҷуд дорад баҳраманд шуда ва ҳамон виҷдони фитрӣ ба ӯ тааюни навъӣ ва салоҳияти даъват, мухотаб воқеъ шудан, ҳаракат ва ҷунбиш додааст. Ин идеологияҳо бо такя ба виҷдони фитрии мушаххиси навъи инсон, даъвати худоро оғоз мекунанд ва ҳаракат меофаринанд.

Гурӯҳе аз идеологияҳо диди дигаре аз инсон доранд. Аз назари ин идеологияҳо инсони навъӣ, салоҳияти даъват ва тарафи хитоб қарор гирифтан ва ҳаракатро надорад, зеро шуур ва виҷдон ва гароишҳои инсон таҳти таъсири авомили таърихӣ, дар ҳаёти миллӣ ва қавмӣ ва ё таҳти таъсири авомили иҷтимоӣ, дар мавзеъи табақотии инсон мушаххас мешавад. Инсони мутлақ, сарфи назар аз авомили таърихӣ ё иҷтимоъии хос, на шуур дорад ва на виҷдон ва на салоҳияти даъват ва хитоб, балки мавҷуди интизоъӣ аст на айнӣ. Марксисм ва ҳамчунин фалсафаҳои миллӣ ва қавмӣ бар чунин диде аз инсон мубтанӣ аст. Хостгоҳи ин фалсафаҳо манофеи табақотӣ ва ё эҳсososоти қавмӣ ва нажодӣ ва ҳадди аксар фарҳанги қавмӣ аст.

www.tj.islamic-sources.com

Бидуни шак идеологияи исломӣ аз навъи аввал ва хостгоҳи он фитрати инсон аст. Ба ҳамин хотир мухотаби Ислом "аннос" яъне умуми мардум аст,[1] на табақа ё гуруҳи хос. Ислом амалан тавониста аз миёни ҳамаи гуруҳҳо ҳомӣ ва пуштибон ҷалб кунад ҳатто аз миёни табақае, ки бо онҳо ба набард бархоста аст яъне табақаи "малаъ" ва "мутриф" ба истилоҳи Қуръон. Сарбозгирӣ аз табақае бар зиддӣ худи он табақа ва аз гуруҳе бар зиддӣ манофеи худи он гуруҳ, балки шуронидан як фард бар зиддӣ табаҳкории шахси худаш, коре аст, ки Ислом фаровон дар тули таърих карда ва мекунад. Ислом ба ҳукми онки дин аст ва дар дарунитарин лояҳои вуҷуди инсон нуфуз мекунад, ва аз тарафи дигар бар фитрати инсонии инсон такя дорад, қодир аст фардеро алайҳи табаҳкории худаш бишуронад ва инқилоби худ алайҳи худ ба вуҷуд оварад, ки номаш "тавба" аст. Идеологияҳои гурӯҳӣ ва табақотӣ танҳо қудрати инқилобиашон шуронидани фард алайҳи фарди дигар, ё табақае алайҳи табақаи

[1] Гоҳ дар мафҳуми ин калима "аннос", ки ба маънои умуми мардум аст, иштибоҳ мешавад ва муродиф бо калимаи "тудаи мардум"гирифта мешавад, ки нуқтаи муқобили табақоти мумтоз аст, ва чун мухотаби Ислом "аннос" аст, иддио мешавад, ки дини Ислом дини тудаи мардум аст ва зимнан ин ҷиҳат фазилате барои Ислом шумурда мешавад; вале бояд бидонем, ки ончи воқеият аст ва ҳам фазилат аст барои Ислом, ин аст, ки Ислом ба ҳимояти тудаи мардум бархоста на инки мухотабаш танҳо тудаи мардуманд ва идеологияаш идеологияи гуруҳӣ ва табақотӣ аст; ва ончи бештар мояи фазилат аст ин аст, ки илова бар табақоти баҳра диҳанда, аз миёни табақоти баҳракаш ва соҳиби сармоя ва қудрат, бо иттико ба фитрати инсонӣ, аҳёнан виҷдонҳоро ба суди табақоти баҳрадеҳ ва маҳрум бармеангезад.

www.tj.islamic-sources.com

дигар аст вале ҳаргиз қодир нестанд инқилоби фард алайҳи худ барпо кунанд, ҳамчунонки қодир нестанд фардеро дар даруни худ аз ноҳияи худ таҳти муроқибат ва кунтурул қарор диҳанд.

Ислом ба ҳукми инки мазҳаб аст ва ба ҳукми инки дини хотам аст, беш аз ҳар мазҳаби осмонии дигар барои барпо доштани адолати иҷтимоӣ омадааст,[1] ва қаҳран ҳадафаш наҷоти маҳрумон ва мустазъафон ва набард ва ситез бо ситампешагон аст; аммо мухотаби Ислом танҳо муҳрумон ва мустазъафон нестанд, ҳамчунон, ки ҳомиёни худро танҳо аз ин табақа ҷалб накардааст. Ислом ҳатто аз миёни табақаоте, ки ба набард бо онҳо бархостааст, бо такя ба неруи мазҳабӣ аз як тараф ва бар фитрати инсонии инсон аз тарафи дигар, ба гувоҳии таърих сарбоз гирифтааст. Ислом теури ва назарияи пирӯзии инсоният бар ҳайвоният, илм бар ҷаҳл, адолат бар зулм, мусовот бар табъиз, фазилат бар разилат, тақво бар бетақвоӣ, тавҳид бар ширк аст. Пирӯзии мустазъафон бар ҷабборон ва мустакбирон яке аз мазоҳир ва масодиқи ин пирӯзиҳост.

Б. Ба дунболи баҳси гузашта, ин масъала бояд тарҳ шавад, ки оё фарҳанги аслии инсонӣ моҳияти ягона дорад, ё фарҳанги ягонае дар кор нест; фарҳанг моҳияти қавмӣ, миллӣ ё табақотӣ дорад, ончи вуҷуд дорад ва ё дар оянда вуҷуд хоҳад ёфт фарҳангҳост на фарҳанг?

---

[1] Сураи Ҳадид, ояти 25
﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَ أَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَ الْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ﴾

Ва сураи Аъроф, ояти 29 ﴿قُلْ أَمَرَ رَبِّى بِالْقِسْطِ﴾

www.tj.islamic-sources.com

Ин масъала низ вобаста ба ин аст, ки оё навъияти инсон аз фитарати ягона ва асил бархурдор аст ва ҳамон фитрати асил ва ягона ба фарҳангии инсон ягонагӣ медиҳад ва ё чунин фитрати ягонае дар кор нест; фарҳангҳо сохтаи авомили таърихӣ, қавмӣ ва ҷуғрофиёӣ ва ё сохтаи гароишҳои манфиъат талабонаи табақотӣ аст? Ислом ба ҳукми инки дар ҷаҳонбиниаш қоил ба "фитрати ягона" аст, ҳам тарафдори идеологияи ягона аст ва ҳам тарафдори фарҳанги ягона.

В. Равшан аст, ки танҳо як идеологияи инсонӣ на гурӯҳӣ, ва як идеологияи ягона на идеологияи мабни бар тақсим ва таҷзияи инсон, як идеологияи фитрӣ на як идеологияи судгароёна метавонад бар арзишҳои инсонӣ муттакӣ бошад ва моҳияти инсонӣ дошта бошад.

Г. Оё ҳар идеология вобаста ба замон ва макон аст? Оё инсон маҳкум аст, ки дар ҳар вазъи замонии мутағайир ва дар ҳар шароити муҳитӣ ва маконии мухталиф як идеологияи махсус дошта бошад? Оё бар идеология, аслӣ ихтилоф (бар ҳасаби минтақа ва макон) ва асли насх ва табдил (бар ҳасби замон) ҳукмфармост, ё идеологияи инсон ҳамон тавре, ки аз назари гурӯҳӣ ягона аст на чандгона, аз назари замонӣ ва маконӣ низ ягона аст на чандгона; ба иборати дигар, ҳамчунон, ки аз назари гурӯҳӣ, умумӣ аст на хос, аз назари замонӣ ва маконӣ, мутлақ аст на нисбӣ?

Инки як идеология аз назари замонӣ ва маконӣ мутлақ бошад ё нисбӣ низ ба навбаи худ аз як назар баста ба ин аст, ки хостгоҳаш фитрати навъи инсон аст ва ҳадафаш саодати навъи инсон бошад ва ё хостгоҳаш

www.tj.islamic-sources.com

манофеи гурӯҳӣ ва эҳсосоти қавмӣ ва табақотӣ -ва ҳадафаш саодати гурӯҳи хос- бошад, ва аз назари дигар, баста ба он аст, ки моҳияти таҳаввулоти иҷтимоиро чи бидонем. Оё онгоҳ, ки ҷомеае мутаҳаввил мешавад ва давраеро пушти сар мегузорад ва давраи ҷадидеро оғоз мекунад, он ҷомеа тағйири моҳият медиҳад ва дар натиҷа қавонине бар он ҳоким мешавад мухолифи қавонини ҳокими пешин, ончунон, ки масалан об пас аз як давра боло рафтани дараҷаи ҳарорат табдил ба бухор мешавад ва аз он пас қавонини гозҳо бар он ҳоким аст на қавонини моеъот; ё таҳаввулот ва такомулҳои иҷтимоӣ аз ин қабил нест, қавонини аслии такомули ҷомеа ва мадоре, ки дар он таҳаввул меёбад собит аст, ҷомеа тағйири манзил ва марҳила медиҳад на тағйири мадор ва қонуни такомул, ончунон, ки ҷондорон аз назари зистӣ мутаҳаввил ва мутакомил мешаванд аммо қавонин ҳамеша собит аст.

Ва аз назари ин масъала, ки як идеология аз назари замонӣ ва маконӣ мутлақ аст ё нисбӣ, баста ба он аст, ки ҷаҳонбинии он идеология чи ҷаҳонбиние бошад, илмӣ ё фалсафӣ ва ё мазҳабӣ? Идеологияи илмӣ ба ҳукми инки мубтани бар як ҷаҳонбинии нопойдор аст, наметавонад пойдор бошад, бар хилофи ҷаҳонбинии фалсафӣ мубтани бар усули аввалия ва бадеҳиёти аввалия ё ҷаҳонбинии мазҳабӣ мубтани бар ваҳй ва нубувват (ки ин ду навъ метавонанд пойдор бошанд).

Дар инҷо ҳамчунон, ки маҷол ва фурсате нест, ки масъалаи фитратро, ки аз муҳимтарин масоили маорифи исломӣ аст матраҳ кунем, маҷол ва фурсате барои тарҳу баррасии таҳаввулоти ҷомеа нест; вале

www.tj.islamic-sources.com

дар бахши панҷуми ин китоб, ки дар бораи ҷомеа ва таърих баҳс мекунем дар бораи таҳаввулоти ҷомеа ва робитааш бо фитрат баррасӣ хоҳем кард.

Д. Оё бар худи идеология “асли субот” ҳоким аст ё “асли тағйир”? Дар боло сухан дар ин буд, ки оё идеологияи инсон дар замонҳои мухталиф ё маконҳои мухталиф, мухталиф аст? Дар онҷо масъали насх ва табдили идеология матраҳ буд, вале акнун маъалаи дигаре матраҳ аст ва он маъалаи тағйир ва таҳаввули як идеология аст. Масъала ин аст, ки оё идеология, хоҳ аз назари муҳтаво умумӣ бошад ё хос, мутлақ бошад ё нисбӣ, худ аз назари инки як падида аст ва падидаҳо мутағайир ва мутаҳаввил ва мутакомиланд, доиман дар таҳаввул ва татаввур аст? Оё воқеияти як идеология дар рӯзи таваллуд бо воқеияти он дар даврони рушду боландагӣ фарқ мекунад? Яъне ҳатман бояд доиман дар ҳоли ҳак[1] ва ислоҳ ва ороиш ва пироиш ва мавриди таҷдиди назар воқеъшудан аз тарафи раҳбарон ва идиулугҳо бошад –ончунон, ки дар идеологияиҳои моддии асри худ мебинем- ва агар на ба зуди куҳна ва фарсуда мешавад ва салоҳияти худро аз даст медиҳад? Ё онки мумкин аст як идеология ончунон танзми шуда бошад ва ончунон рӯй хутути аслии ҳаракати инсон ва иҷтимоъ такя карда бошад, ки ниёзе ба ҳеҷ гуна таҷдиди назар ва ислоҳ аз тарафи раҳбарон надошта бошад, нақши раҳбарон ва идиулугҳо танҳо “иҷтиҳод” дар фаҳво[2] ва муҳтаво бошад ва такомулҳои идиулужик дар ноҳияи иҷтиҳодҳо бошад на дар манти идеология?

---

[1] Кандан, тарошидан

[2] Мафҳуми сухан

www.tj.islamic-sources.com

Посухи ин пурсиш низ аз посухи пурсишҳои гузашта равшан мешавад.[1]

[1] Мо дар моқолаи "Хатми нубувват" дар ҷилди аввал "Муҳаммад хотами пайғамбарон", дар бораи куллиёт ва итлоқи идеологияи исломӣ ва нақши иҷтиҳод дар татбиқи он бо шароити мухталифи макони ва авзоъи мутағайири замонӣ, ва инки ончи таҳаввул ва такомул мепазирад иҷтиҳоди исломӣ аст, на идеологияи исломӣ, баҳс кардаем.

www.tj.islamic-sources.com

### Ислом мактаби ҷомеъ ва ҳамаҷониба

Ислом, ки бар чунин ҷаҳонбинӣ бунёд шудааст мактаби ҷомеъ ва воқеъгарост. Дар Ислом ба ҳамаи ҷавониби ниёзҳои инсонӣ -чи аз дунёӣ ва чи охиратӣ, ҷисмӣ ё рӯҳӣ, ақлӣ ё эҳсосӣ ва отифӣ, фардӣ ё иҷтимоӣ- таваҷҷуҳ шудааст.

Маҷмуаи таълимоти исломӣ аз як лиҳоз се бахшро ташкил медиҳад:

А. Усули ақоид, яъне чизҳое, ки вазифаи ҳар фард, кушиш дар бораи таҳсили ақида дар бораи онҳост. Коре, ки дар ин замина бар уҳдаи инсон аст аз навъи кори таҳқиқӣ ва илмӣ аст.

Б. Ахлоқиёт, яъне хислатҳое, ки вазифаи як фарди мусалмон ин аст, ки хештанро ба он хислатҳо ва хубиҳо биёрояд ва аз зидди онҳо хештанро дур нигаҳ дорад. Коре, ки дар ин замина бар уҳдаи инсон аст аз навъи муроқибати нафас ва худсозӣ аст.

В. Аҳком, яъне дастурҳое, ки марбут ба фаолиятҳои хориҷӣ ва айнии инсон аст, чи аз фаъолиятҳои маъошӣ ва маодӣ, дунявӣ ва ухравӣ, фардӣ ва иҷтимоӣ.[1]

Ислом дар бораи усули ақоид, ки вазифаи ҳар фард, таҳсил ақидаи саҳеҳ дар бораи онҳост, тақлиду пайравӣ ва тааббудро кофӣ намедонад, балки лозим медонад, ки ҳар фарде мустақилан ва озодона сиҳҳати он ақоидро ба даст оварад. Аз назари Ислом ибодат мунҳасир ба ибодатҳои баданӣ монанди намозу руза ё

[1] Усули ақоиди исломӣ бар асоси ривоятҳо панҷ асл аст: тавҳид, адл, набувват, имомат, маод.

www.tj.islamic-sources.com

ибодатҳои молӣ мисли закот нест; навъе дигар ҳам ҳаст ва он ибодати фикрӣ аст. Тафаккур ё ибодати фикрӣ агар дар масири бедории инсон қарор гирад аз солҳо ибодати баданӣ бартар ва болотар аст.

**Лағзишгоҳҳои андеша аз назари Қуръон:**

Қуръони Маҷид, ки даъват ба тафаккур ва натиҷагирии фикрӣ мекунад ва тафаккурро ибодат мешуморад ва усули ақоидро ҷуз бо тафаккури мантиқӣ, саҳеҳ намедонад, ба як матлаби асосӣ таваҷҷуҳ кардааст, ва он инки лағзишҳои фикрӣ башар аз куҷо сачашма мегирад ва решаи аслии хатоҳо ва гумроҳиҳо дар куҷост? Агар инсон бихоҳад дуруст бияндешад, ки дучори хато ва инҳироф нагардад чи бояд бикунад?

Дар Қуръони Маҷид як силсила корҳое ба унвони сабабҳо ва иллатҳои хатоҳо ва гумроҳиҳо ёд шудааст, ки зайлан зикр мекунем:

1. **Такя бар гумон ба ҷои илму яқин**

Қуръони Карим мегӯяд:

*Аксари мадум чунинанд, ки агар бихоҳӣ пайрави онҳо бошӣ туро аз роҳи ҳақ гумроҳ мекунанд, барои инки такяашон бар зан ва гумон аст, (на бар яқин) ва танҳо бо ҳадсу тахмин кор мекунанд.*[1]

Қуръони Карим дар оёти зиёде ба шиддат бо пайравӣ аз занну гумон, мухолифат мекунад ва мегӯяд:

---

[1] Сураи Анъом, ояти 116.

﴿وَإِن تُطِعۡ أَكۡثَرَ مَن فِى ٱلۡأَرۡضِ يُضِلُّوكَ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِۚ إِن يَتَّبِعُونَ إِلَّا ٱلظَّنَّ﴾

www.tj.islamic-sources.com

*То замоне, ки ба чизе илм ва яқин ҳосил накардаӣ онро дунбол макун.*[1]

Имрӯз аз назари фалсафӣ мусаллам шудааст, ки яке аз омилҳои асосии хатоҳо ва иштибоҳот ҳамин будааст. Декорт, ҳазор сол пас аз Қуръон аввалин асли мантиқии хешро ин қарор дод ва гуфт:

*Ҳеч чизро ҳақиқат надонам магар инки бар ман бадеҳӣ бошад ва дар тасдиқоти худ аз шитобзадагӣ ва сабқи зеҳн ва тамоюл бипарҳезам, ва напазирам магар онро, ки чунон равшан ва мумтоз бошад, ки ҳечгуна шак ва шубҳа дар он намонад.*[2]

### 2. Майлҳо ва ҳавоҳои нафсонӣ

Инсон агар бихоҳад саҳеҳ қазоват кунад бояд дар мавриди матлабе, ки меандешад комилан бетарафии худро ҳифз кунад; яъне кушиш кунад, ки ҳақиқатхоҳ бошад ва хештанро таслими далелҳо ва мадорик намояд. Дуруст монанди як қозӣ, ки рӯи парвандае мутолеа мекунад, бояд нисбат ба ду тарафи даъво бетараф бошад. Қозӣ агар тамоюли шахсӣ ба як тараф дошта бошад ба таври нохудогоҳ далоиле, ки барои он тараф аст назарашро ҷалб мекунад ва далоиле, ки ба нафъи тарафи дигар ва бар зарари ин тараф аст худ ба худ аз назараш канор меравад ва ҳамин сабаби иштибоҳи қозӣ мегардад.

Инсон дар тафаккуроти худ агар бетарфии худро нисбат ба рад ё исботи матлабе ҳифз накунад ва майли нафсониаш ба як тараф бошад, хоҳ-нохоҳ ва бидуни

---

[1] Сурои Исроъ, ояти 36. ﴿وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ﴾

[2] Сайри ҳикмат дар урупо, ҷилди аввал.

www.tj.islamic-sources.com

онки худаш мутаваҷҷеҳ шавад ақрабаи фикраш ба ҷонибе майл ва хоҳиши нафсониаш мутамоил мешавад. Ин аст, ки Қуръони Карим ҳавои нафсро низ монанди такя бар занну гумон яке аз омилҳои лағзиш мешуморад. Дар сураи Наҷм мефармояд:

*Пайравӣ намекунанд магар аз гумон ва аз օнчи нафсҳо хоҳиш мекунанд.*[1]

**3. Шитобзадагӣ**

Ҳар қазоват ва изҳори назаре миқдори муайне мадрак лозми дорад ва то мадорик ба қадри кофӣ дар як масъала ҷамъ нашавад ҳар гуна изҳори назар, шитобзадагӣ ва сабаби лағзиши андеша аст. Қуръони Карим мукаррар ба андак будани сармояи илмии башар ва кофӣ набуданаш барои бархе қазоватҳои бузург ишора мекунад ва изҳори ҷазмро дур аз эҳтиёт талаққӣ менамояд. Масалан мефармояд:

*Он миқдор илм ва иттилое, ки ба шумо расида андак аст ва барои қазоват кофӣ нест.*[2]

Имоми Содиқ (а) фармуд: *Худованд дар Қуръон бандагони худро бо ду оят ихтисос дод ва таъдиб фармуд: яке инки то ба чизе илм пайдо накардаанд тасдиқ накунанд (шитобзадагӣ дар тасдиқ) ва дигар инки то ба чизе илм пайдо накардаанд, то ба марҳилаи илму яқин нарасидаанд, рад ва нафй накунанд (шитобзадагӣ дар инкор).*

---

[1] Сураи Наҷм ояти 23 ﴿إِنْ يَتَّبِعُونَ إِلَّا الظَّنَّ وَمَا تَهْوَى الْأَنْفُسُ﴾

[1] Сураи Исроъ ояти 85 ﴿وَمَا أُوتِيتُمْ مِنَ الْعِلْمِ إِلَّا قَلِيلًا﴾

Худованд мефармояд:

*Оё аз онҳо дар китоб (китоби фитрат ё китобҳои осмонӣ) паймон гирифта нашуд, ки ҷузончи ҳақ аст (ҳақ буданаш равшан аст) ба Худованд нисбат надиҳанд?.*[1]

Дар ояти дигар фармуд:

*Инкор карданд ва такзиб карданд чизеро, ки ба илми он иҳота надоштанд (намешинохтанд).*[2]

### 4. Суннатгароӣ ва гузаштагароӣ

Инсон ба ҳукми табиати аввалии худ ҳангоме, ки мебинад як фикр ва ақидаи хоссе мавриди қабули наслҳои гузашта будааст, худ ба худ бидуни онки маҷоле барои андешаи худ бидиҳад онро мепазирад. Қуръон ёдоварӣ мекунад, ки пазируфтаҳо ва боварҳои гузаштагонро модоме, ки бо меъёри ақл насанҷидаед напазиред; дар муқобили боварҳои гузаштагон истиқлоли фикрӣ дошта бошед. Дар сураи Бақара ояти 170 мефармояд:

﴿ وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ اتَّبِعُوا مَا أَنْزَلَ اللَّهُ قَالُوا بَلْ نَتَّبِعُ مَا أَلْفَيْنَا عَلَيْهِ آبَاءَنَا أَوَلَوْ كَانَ آبَاؤُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ شَيْئًا وَلَا يَهْتَدُونَ﴾

*Агар ба онҳо гуфта шавад, ки аз ончи Худо ба василаи ваҳй фаруд оварда пайравӣ кунед, мегӯянд: не, мо ҳамон равишҳо ва суннатҳоро пайравӣ мекунем, ки падарони гузаштаи худро бар он ёфтаем. Оё агар падаронашон ҳеҷ*

---

[1] Сураи Аъроф ояти 169

﴿... أَلَمْ يُؤْخَذْ عَلَيْهِمْ مِيثَاقُ الْكِتَابِ أَنْ لَا يَقُولُوا عَلَى اللَّهِ إِلَّا الْحَقَّ... ﴾

[2] Сураи Юнус ояти 39 ﴿بَلْ كَذَّبُوا بِمَا لَمْ يُحِيطُوا بِعِلْمِهِ﴾

*чизеро намефаҳмиданд ва роҳро намеёфтанд боз ҳам аз онҳо пайравӣ мекунанд?!*[1]

## 5. Шахсияттароӣ

Яке дигар аз сабаҳои лағзиши андеша, гароиш ба шахсиятҳост. Шахсиятҳои бузурги таърих ё муосир аз назари азамате, ки дар нуфус доранд бар рӯи фикру андеша ва тасмиму иродаи дигарон асар мегузоранд ва дар ҳақиқат, ҳам фикру ҳам иродаи дигаронро тасхир мекунанд. Дигарон ончунон меандешанд, ки онҳо меандешанд ва ончунон тасмим мегиранд, ки онҳо тасмим мегиранд; дигарон дар муқобили онҳо истиқлоли фикр ва иродаро аз даст медиҳанд.

Қуръони Карим моро даъват ба истиқлоли фикрӣ мекунад ва пайравиҳои куркурона аз бузургон ва шахсиятҳоро сабаби шақовати абадӣ медонад; ба ҳамин сабаб аз забони мардуме, ки аз ин роҳ гумроҳ мешаванд нақл мекунд, ки дар қиёмат мегӯянд:

*Парвардигоро! Мо бузуругони хешро пайрвӣ ва итоат кардем ва дар натиҷа моро гумроҳ сохтанд.*[٢]

---

[1] Сураи Бақара ояти 170

[2] Сураи Аҳзоб ояти 67 ﴿وَقَالُوا رَبَّنَا إِنَّا أَطَعْنَا سَادَتَنَا وَكُبَرَاءنَا فَأَضَلُّونَا السَّبِيلَا﴾

www.tj.islamic-sources.com

## Манобеи тафаккур дар Ислом

Қуръон, ки даъват ба тафаккур ва андеша менамояд, илова бар инки роҳҳои лағзиши андешаро ироа додааст, манобеи тафаккурро низ ироа додааст, яъне мавзуъоте, ки шоиста аст инсон дар он мавзуот фикри хешро ба кор андозад ва аз онҳо ба унвони манобеи илму иттилои хеш баҳрагирӣ намояд низ ироа додааст.

Дар Ислом ба таври куллӣ бо сарфи энержии фикрӣ дар масоиле, ки натиҷаи ҷуз хаста кардани фикр надорад, яъне роҳи таҳқиқ барои инсон дар онҳо боз нест, ва ҳамчунин масоиле, ки фарзан қобили таҳқиқ бошад фоидае ба ҳоли инсон надорад мухолифат шудааст.

Пайғабари Акрам (с) илмеро, ки доро будан он суде набахшад ва надоштани он зиёне нарасонд беҳуда хонд. Аммо улуме, ки роҳи таҳқиқ дар онҳо боз аст ва ба илова судманд мебошад, мавриди таъйид ва ташвиқи Ислом аст.

Қуръони Карим се мавзуъ барои тафаккури муфид ва судманд ироа медиҳад.[1]

### 1. Табиат

Дар саросари Қуръон оёти зиёде аст, ки табиат яъне замин, осмон, ситорагон, хуршед, моҳ, абр, борон, ҷараёни бод, ҳаракати киштиҳо дар дарёҳо, гиёҳон, ҳайвонот ва билохира ҳар амри маҳсусеро, ки башар дар атарофи худ мебинад ба унвони мавзуъоте, ки дар

---

[1]Дар рисолаи "Шинохт дар Қуръон" масъалаи мавзуъот ва манобеъи шинохт ба тафсил матраҳ шудааст.

www.tj.islamic-sources.com

бораи он дақиқан бояд андешид ва тафаккур ва натиҷагирӣ кард, ёд кардааст. Барои намуна як оят зикр мекунем:

*Бигӯ ба мардум: диққат ва мутолеа кунед, бибинед дар осмонҳо ва замин чи чизҳое ҳаст.*[1]

## 2. Таърих

Дар Қуръон оёти бисёре аст, ки ба мутолеаи ақвоми гузашта даъват мекунад ва онро монанди як манбаъ барои касби илм муъаррифӣ мекунад. Аз назари Қуръон, таърихи башар ва таҳаввулоти он бар тибқи як силсила равишҳо ва навомис сурат мегирад; иззатҳо ва зиллатҳо, муваффақиятҳо ва шикастҳо, хушбахтиҳо ва бадбахтиҳои таърихӣ ҳисобҳои дақиқ ва муназзам дорад ва бо шинохтани он ҳисобҳо ва қонунҳо метавон таърихи ҳозирро таҳти фармон дароварад ва ба суди саодати худ ва мардуми ҳозир аз он баҳрагирӣ кард. Инак як оят ба унвони намуна:

*Пеш аз шумо суннатҳо ва қонунҳое амалан ба вуқуъ пайваста аст. Пас дар замин ва осори таърихӣ гузаштагон гардиш ва ковиш кунед ва бибинед поёни кори касоне, ки ҳақоиқро, ки аз тариқи ваҳй ба онҳо арза доштем дуруғ пиндоштанд ба куҷо анҷомид.*[2]

---

[1] Сураи Юнус ояти 101 ﴿قُلِ انْظُرُوا مَاذَا فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ﴾

[2] Сураи Оли Имрон ояти 137

﴿ قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلِكُمْ سُنَنٌ فَسِيرُوا فِي الْأَرْضِ فَانْظُرُوا كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الْمُكَذِّبِينَ ﴾

www.tj.islamic-sources.com

### 3. Замири инсонӣ

Қуръон замири инсониро ба унвони як манбаи маърифатии махсус ном мебарад. Аз назари Қуръон саросари хилқат оёти илоҳӣ ва нишонаҳое барои кашфи ҳақиқат аст. Қуръон аз ҷаҳони хориҷи инсон ба “офоқ” ва аз ҷаҳони даруни инсон ба “анфус” таъбир мекунад,[1] ва аз ин роҳ, аҳамияти хосси замири инсониро гушзад менамояд. Истилоҳи “офоқ ва анфус” дар адабиёти исломӣ аз ҳаминҷо падид омадааст.

Конт, файласуфи олмонӣ, ҷумлае дорад, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад ва ҳамон ҷумла бар лавҳи қабраш ҳак шудааст. Мегӯяд:

*Ду чиз аст, ки эъҷоби инсонро сахт бармеангезад: яке осмони пур ситорае, ки болои сари мо қарор гирифтааст ва дигари виҷдон ва замире, ки дар даруни мо қарор дорад.*

---

[1] Сураи Фуссилат, ояти 53

﴿سَنُرِيهِمْ ءَايَـٰتِنَا فِى الاٰفَاقِ وَ فِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ﴾